
ЯК «ДУРЎҒ»-И УСТОД АЙНӢ с. 9

ҲУШДОРИ САРВАЗИРИ ТОҶИКИСТОН с. 2

МУЛОҚОТИ РАМАЗОН РАҲИМЗОДА БО ЛЮДОВИК ЮНГ с. 3

ТОҶИКИСТОН

№ 19 (1683), 13.05.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992





$8 МИЛЛИАРД САРМОЯГУЗОРӢ

Тоҷикистону Чин дар марҳилаи нави шарикии стратегӣ



ДАР ИН ШУМОРА:

АФҒОНҲОИ ДЕҲМОЙ
КДАМ қазияро шарҳ дод с.5

ҶАҲОН
Трамп ба Чин сафар кард с.4

НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ
Барномаи нав кадом масъаларо фаро мегирад? с.6

МУШКИЛОТ
Кумакпулӣ барои дафнро кӣ медиҳад? с.6

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ
Симфонияи Исёни хирад с.8

ПЕШНИҲОД
Сабукӣ дар ҷаримаҳо с.10

КАНЗИ ШИФО
Эҳтиёт аз бемориҳои моҳи май с.12

ВАРЗИШ
Ҳарифони Тоҷикистон маълум шуданд с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ХАНТАВИРУС ДАР ТОҶИКИСТОН?

Посухи Вазорати тандурустӣ

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон эълон кард, ки то имрӯз дар ҳудуди кишвар ягон ҳолати сирояти “Хантавирус” ба қайд гирифта нашудааст.

Ба иттилои вазорат, дар Тоҷикистон маълумоти расмии васеъ оид ба бақайдгирӣ ва хуруҷи ин вирус маҳдуд мебошад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти мавҷудияти хояндаҳои табиӣ ва омилҳои экологӣ, мониторинги доимии эпидемиологӣ ва чораҳои профилактикӣ гузаронида мешаванд.

Мутахассисон мегӯянд, ки сироят бештар ҳангоми тамос бо пешоб, наҷосат ё оби даҳони хояндаҳои сироятшуда ба вуҷуд меояд. Инчунин, нафаскашии заррачаҳои чангу ғубори олудашуда дар ҷойҳои пӯшида, анборҳо, таҳхонаҳо ва манзилҳое, ки хояндаҳо мавҷуданд, метавонад хатари сироятро зиёд кунад.

Вазорат таъкид кардааст, ки риояи қоидаҳои одии беҳдоштӣ метавонад хатари сироятро ба таври назаррас коҳиш диҳад. Ба гуфтаи мақомот, айни ҳол вазъият таҳти назорати сохторҳои тандурустӣ қарор дорад.

АФЗОИШИ БОҶ БАРОИ КОНДИТСИОНЕР ВА ҚАНДИЛ

Дар Тоҷикистон боҷ барои кондитсионер ва дастгоҳҳои равшанидиҳанда зиёд мешавад. Қарори дахлдор аз ҷониби Ҳукумати кишвар имзо шудааст.

Мувофиқи тағйироти қабулшуда, меъёри боҷи гумрукии воридотӣ аз 5 то 15 евро (барои як дона) барои баъзе намудҳои дастгоҳҳои кондитсионерӣ афзоиш меёбад. Ин, пеш аз ҳама, ба кондитсионерҳои деворӣ, шифтӣ ё фаршӣ, инчунин баъзе воҳидҳои саноатӣ бо назорати автоматии ҳарорат ва намӣ дахл дорад. Меъёр барои баъзе қандилҳо ва дигар таҷҳизоти равшании баркӣ низ афзоиш меёбад. Барои ин категория боҷ аз 15 то 30 евро афзоиш меёбад.

Тағйирот ба қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи тарифҳои нав аз 1-уми июли соли равон эътибор пайдо мекунад.

МАРҲИЛАИ ДУЮМИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН

Дар даври аввали сабтином барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар беш аз 119 ҳазор довталаб дар Маркази миллии тестӣ номнавис шудаанд.

Марҳилаи аввали бақайдгирӣ аз 2-юми март то 30-юми апрели соли равон идома карда, даври дуюми сабтином аз 10-уми июн оғоз гардида, то 30-юми июн давом мекунад.

Муовини аввали директори Маркази миллии тестӣ Абдулвосит Шодиниё гуфт, сабтином барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидашуда пулакӣ мебошад. Арзиши бақайдгирӣ барои хатмкунандагони синфи 11 ва литсейу коллеҷҳои касбӣ 370 сомонӣ ва барои хатмкунандагони синфи 9-ум 320 сомонӣ муқаррар шудааст.



ҲУШДОРИ САРВАЗИРИ ТОҶИКИСТОН

Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода зимни суханронӣ дар Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ аз хатари беобӣ дар Осиёи Марказӣ ва таҷрибаи Тоҷикистон дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ва камбуди захираҳои обӣ изҳори назар кард.


Ба гуфтаи ӯ, Тоҷикистон, ки 93 дарсади қаламраваш кӯҳистон аст, дар сафи пеши таъсири тағйирёбии иқлим қарор дорад. Расулзода таъкид намуд, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир дар кишвар беш аз ҳазор пирях нопадид шудааст, ки ин раванд ба тавозуни обии тамоми минтақа таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.

Сарвазир гуфт, ки Тоҷикистон тақрибан 60 дарсади захираҳои обии Осиёи Марказиро тавлид намуда, ҷонибдори ҳамоҳангсозии оқилонаи истифодаи об мебошад. Ӯ афзуд, дастрасӣ ба об рӯз ба рӯз ноустувортар шуда, кишоварзӣ, ки беш аз 60 дарсади аҳолиро бо ҷойи кор таъмин мекунад ва чоряки Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад, ба навсозии фаврӣ ниёз дорад.

“Аввалин самт ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи об, аз қабили обёрии қатрагӣ ва мониторинги рақамии обёрӣ мебошад, ки ҳосилнокии зироатҳоро 30-40% афзоиш медиҳанд ва дар айни замон истеъмоли обро кам мекунанд”,- гуфт Қоҳир Расулзода.

(Давомаш дар саҳ. 3)

САРИ САБЗ



Марям ИСОЕВА,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Мо ҳунармандон танҳо барои хоб кардан шабҳо ба хонаҳоямон мерафтем, дигар умрамон ба пуррагӣ сарфи эҷодиёт мешуд. Саҳар барои машқ ба театр меомадем, баъд ба хонаи радио мерафтем… Ана ҳамин тавр ба мисли санҷобҳо мудом дар такопӯ будем.


- Ҳаҳаҳ, муаллимаи азиз, хуб аст, ки барои хоб кардан шабҳо ба хонаҳоятон мерафтед. Ҳоло шояд ҳунармандоне бошанд, ки мисли санҷобҳо такопӯ кардаву шаб дар театр хоб мекунанд.



Бибола РӮЗИМАТОВ,
иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ

- Ман аз ҷанговарони пешқадам будам. Аз монёврҳои ҳарбӣ истифода бурда, ҳазорҳо душманро ба ҳалокат расонидам. Ҷанг душвор мегузашт. Ҳавои сарду камии ғизо азият медод. Садои тиру туфанг тамоми бешаро фаро гирифта, даҳшати ҷангро дучанд мекард.

- Гап байни худамон, миёни ҳамон даҳшати ҷанг чанд нафар аз душманонро асир гирифтед? Зеро, мегӯянд, ки асир гирифтан аз ҳалок кардан каме бартарӣ дорад.



Фарзона ҲОМИДОВА,
устои техникаи рӯзгор дар ИМА


- Ҳар гоҳ, ки анборро холӣ меёфтам, ҳатман таъмири ягон асбобро санҷидан мехостам. Ин барои ман бештар аз як завқи кӯдакӣ буд. Аммо аҳли оилаам ин завқро ҷиддӣ қабул намекарданд. Ҳамеша сарзаниш мешудам ва мегуфтанд, ки “таъмир зеби духтар нест”.

- Бале, мутаассифона, ин ақидаи на танҳо аҳли оилаи шумо, балки ағлаби мардум аст. Лекин, боварӣ дорем, ки баъди ҷиддӣ қабул шудани завқатон, акнун сарзаниш намешунавед.

$8 МИЛЛИАРД САРМОЯГУЗОРӢ

Тоҷикистону Чин дар марҳилаи нави шарикии стратегӣ

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки рӯзҳои 11-13-уми майи соли равон сурат гирифт, ба яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву иқтисодии солҳои охир дар муносибатҳои ду кишвар табдил ёфт. Дар доираи ин сафар музокироти сатҳи олии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин баргузор шуда, беш аз 50 санад ба маблағи зиёда аз 8 миллиард доллар ба имзо расиданд. Ин созишномаҳо бахшҳои сармоягузорӣ, саноат, иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, энергетикаи "сабз", инфрасохтори технологӣ ва рушди соҳибкориро дар бар мегиранд.



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА СИ ҶИНПИН ИЗҲОРОТИ МУШТАРАК ДАР БОРАИ ТАҲКИМИ МУНОСИБАТҲО ВА ШАРТНОМА ОИД БА ДӮСТИИ АБАДӢ, ҲАМСОЯГИИ НЕК ВА ҲАМКОРИРО БА ИМЗО РАСОНИДАНД. САНАД БО ШИОРИ ЗЕРИН АМАЛ ХОҲАД КАРД: «ДӮСТӢ - АБАДАН, ДУШМАНӢ - ҲЕҶ ГОҲ".

ЧИН ШАРИКИ АСОСИИ САРМОЯГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар солҳои охир Чин тадричан ба яке аз бузургтарин шарикони иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ба иттилои расмӣ, ҳаҷми сармоягузории Чин дар иқтисоди Тоҷикистон ба наздики 6 миллиард доллар расида, аз ин маблағ тақрибан 3,5 миллиард доллар сармоягузории мустақим мебошад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо Сарвазири Шурои давлатии Чин Ли Сян чунин таъкид намуд: "Чин барои мо кишвари дӯст, ҳамсояи нек ва шарики боэътимоди стратегӣ боқӣ меманад".

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, танҳо дар соли 2025 гардиши мол миёни ду кишвар нисбат ба соли 2024 қариб 46 фоиз афзоиш ёфтааст. Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 700 ширкати дорои сармояи чинӣ фаъолият мекунанд, ки дар бахшҳои саноат, энергетика, нақлиёт, сохтмон, кишоварзӣ ва технологияҳои рақамӣ саҳм доранд.

САМТИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Яке аз самтҳои калидии сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Чин тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи технология ва иқтисоди рақамӣ буд. Дар шаҳри Пекин форуми байналмилалии "Tajik-China Digital Business Connect" баргузор шуд, ки ба платформаи муҳими муаррифии имкониятҳои рақамии Тоҷикистон табдил ёфт.

Тавре Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон хабар медиҳад, дар доираи форум байни ширкатҳои Тоҷикистону Чин 28 санади ҳамкорӣ ба маблағи 647 миллион доллар ба имзо расиданд. Дар чорабинӣ зиёда аз 120 ширкати бузурги технологии Чин, аз ҷумла Alibaba Group, ByteDance (TikTok), Huawei, Lenovo, BYD ва DeepSeek иштирок намуданд.

Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба рушди экосистемаи рақамӣ, зеҳни сунъӣ, амнияти киберӣ, марказҳои коркарди додаҳо, ҳукумати электронӣ, рушди стартапҳо, инфрасохтори технологиро баррасӣ карданд.

Ба андешаи коршиносон, ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон мехоҳад дар солҳои наздик аз модели иқтисоди анъанавӣ ба иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ гузарад.

ОЯНДАИ НАВИ ИҚТИСОД



Қисми муҳими сармоягузориҳои нави Чин ба энергетикаи тағдидшаванда равона шудааст. Яке аз бузургтарин тарҳҳоро ширкати чинии "Watcher Capital" амалӣ мекунад. Роҳбари ширкати мазкур Гао Феи изҳор доштаст, ки "ширкат дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги сохтмони нерӯгоҳҳои бодӣ ва офтобӣ, инчунин инфрасохтори энергетикиро ба маблағи тақрибан 1,5 миллиард доллар амалӣ менамояд".

Тибқи тарҳ, дар Тоҷикистон нерӯгоҳҳои бодӣ ва офтобӣ бо иқтидори умумии 4 гигаватт сохта мешаванд. Инчунин бунёди зеристгоҳи 500-киловолта ва хати интиқоли барқ бо дарозии 400 километр пешбинӣ шудааст. Баъди ба истифода додани иншоот ҳаҷми истеҳсоли солонаи нерӯи барқ то ба 5 миллиард киловатт-соат мерасад.

Коршиносон чунин мешуморанд, ки ин лоиҳаҳо метавонанд Тоҷикистонро ба яке аз марказҳои муҳими истеҳсоли энергияи "сабз" дар минтақа табдил диҳанд.

САНОАТ ВА ИНФРАСОХТОРИ НАВ



Сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Чин танҳо бо масъалаҳои сиёсӣ маҳдуд нашуд. Дар доираи музокирот як қатор тарҳҳои бузурги саноатӣ ва сохтмонӣ низ муаррифӣ гардиданд. Ширкати "ZyF Holding" тасмим гирифтааст, ки дар Тоҷикистон корхонаи истеҳсоли конструксияҳои металлӣ ва коркарди масолеҳи алюминий бунёд намояд. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба ин тарҳ тақрибан 80 миллион доллар пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, ширкати "Shandong Tianhong Technology" нақша дорад, ки истеҳсоли мошинҳои боркаши вазнин ва ядакҳоро дар Тоҷикистон роҳандозӣ намояд. Дар марҳилаи аввал васлкунии мошинҳо ва баъдан истеҳсоли пурраи онҳо пешбинӣ шудааст.

"Чанде пеш ҳайати холдинг ба Тоҷикистон сафари корӣ анҷом дода, бо имконияти иқтисодӣ ва фазои сармоягузории кишвар шинос шуданд. Таваҷҷуҳи ширкатро пешрафти босуръати Тоҷикистон дар солҳои охир ва сиёсати пайгиронаи дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҷалб намудааст. Ҷониби Чин омода аст дар рушди саноат ва иқтисоди Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта, ҳамкории дучонибаро минбаъд низ густариш диҳад",- изҳор доштааст Гонг Чанг Уи, раиси Шурои директорони ширкати «ZyF Holding»-и Чин.

Дар бахши сохтмон низ тарҳҳои бузург пешниҳод шуданд. Ширкати "Шандун Шиҷиа билдинг" омодагии худро барои сармоягузории 150 миллион доллар ҷиҳати сохтмони маҷмааи истиқоматии муосир барои 10 ҳазор нафар эълон кард.

"Лоиҳа дар асоси меъмории муосири чинӣ амалӣ мегардад. Маҷмааи истиқоматии элитӣ 500 ҳазор метри мураббаъ аст. Дар таркиби маҷмаа таваққуфгоҳҳо, кӯдакистон, мактаб, муассисаи тиббӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 7)

МУЛОҚОТИ РАҲИМЗОДА БО ЮНГ

11-уми майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе мулоқоти вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода бо фиристодаи Вазорати федералии корҳои дохилии Олмон оид ба масъалаҳои муҳоҷират Людвиг Юнг баргузор гардид.

Дар ин дидор ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои марбут ба муҳоҷират, мубориза бо ҷиноятҳои транснационалӣ ва таъмини амниятро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, зимни мулоқот масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳо дар самти муҳоҷират, диверсификатсия, танзими равандҳои муҳоҷират ва соддагардонии низоми ҳуҷҷатгузорӣ барои муҳоҷирон мухокима шудааст. Ҳамзамон, ҷонибҳо ба масъалаи пешгирии қаллобӣ ва таҳкими ҳамкориҳо барои мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷират таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд.

ҲУШДОРИ САРВАЗИРИ ТОҶИКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Ба гуфтаи ӯ, Тоҷикистон стратегияҳои миллӣ барои мубориза бо биёбоншавӣ ва вайроншавии заминро фаъолона амалӣ намуда, усулҳои кишоварзии устувор ва принсипҳои кишоварзии органикиро ҷорӣ мекунад.

Ба таъкиди Расулзода, ба шарофати барномаҳои давлатӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон тайи панҷ соли охир беш аз 50 дарсад афзоиш ёфтааст.

Ӯ афзуд, ки Барномаи рушди миёнамуҳлати солҳои 2026-2030 ҳадаф дорад ММД-и кишварро ду баробар зиёд намуда, сатҳи камбизоатиро то 10 дарсад коҳиш диҳад ва рушди солонаи кишоварзиро дар сатҳи 8,5 дарсад таъмин намояд.

Сарвазир хотиррасон кард, ки соли 2026 Соли байналмилалии занони деҳқон эълон шудааст ва таъмини дастрасии баробари занон ба захираҳо ва технологияҳоро омили муҳими рушди иқтисодӣ арзёбӣ кард.



ИСРОИЛ АЗ КУМАКИ АМРИКО ДАСТ МЕКАШАД?

Нетаняҳу, ки рӯзи 10-уми май бо CBS News суҳбат мекард, ба саволи хабарнигор дар бораи ин ки шояд Исроил масъалаи муносибатҳои молиаш бо ИМА-ро бозбинӣ кунад, аз ҷумла гуфт:

«Бешубҳа. Ман дар ин бора ба президент Трамп ҳам гуфта будам. Ман инро ба мардуми худи мо ҳам гуфта будам. Ман мехоҳам ёриҳои молии амрикоӣ, ёриҳои молии ҳамкориҳои ҳарбии моро ба сифр расонам. Мо соле 3,8 миллиард доллар дарёфт мекунем ва ба бовари ман, мо бояд аз ёриҳои боқимондаи ҳарбӣ даст кашем».

Нетаняҳу пешниҳод кардааст, ки коҳиши дастгирии молии ИМА «ҳамин ҳоло» шуруъ шуда, дар давоми даҳ соли баъдӣ пурра хотима дода шавад.

CBS мегӯяд, ки ин изҳорот дар пасманзари кам шудани пуштибонии Исроил дар чашми мардуми Амрико садо дод. Ба иттилои маркази назарсанҷии Pew, 60% пурсидашудаҳо дар ИМА нисбат ба Исроил назари манфии худро баён кардаанд ва ин 20% бештар назар ба чор соли пеш будааст. CBS менависад, ки яке аз сабабҳои поинравии маҳбубияти Исроил дар назарпурсиҳои Амрико ҷанг дар Навори Ғазза мебошад. Bloomberg менависад, ки дар доираи як созишномаи даҳсолаи ҳамкорӣ ИМА ба Исроил соле дар ҳаҷми 3,8 миллиард доллар ёриҳо мерасонад ва ин санад то соли 2028 эътибор дорад. Дар як гузориши хадамоти таҳқиқоти Конгресс омадааст, ки Исроил баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дарёфткунандаи азимтарини ёриҳои ИМА ба шумор меравад. То имрӯз ИМА ба Исроил (бе назардошти таваррум) барои тақвияти иқтисод ва қувваҳои мусаллаҳи ин кишвар дар ҳаҷми 174 миллиард доллар ёрӣ расонидааст.

ЧАНД ТОҶИКИСТОНӢ ШАҲРВАНДИ РУСИЯ ШУДАНД?

Сафири Русия дар Тоҷикистон Семён Григорев дар суҳбат бо хабаргузории ТАСС гуфтааст, ки соли гузашта зиёда аз 78 ҳазор тоҷикистонӣ шаҳрвандии Русияро гирифтаанд.



Ин омор назар ба соли 2024 зиёдтар будааст ва дар он сол 42,5 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамзамон шаҳрванди Русия шудаанд. Тасдиқи дурустии ин омор аз манобеи мустақим ғайриимкон аст.

Сафир гуфтааст, ки бештари тоҷикистониҳо шаҳрвандии Русияро баъди таваллуд дар он кишвар ё аз тариқи яке аз аъзои хонаводаашон қабул кардаанд. Баъди оғози ҷанги Русия алайҳи Украина баъзе аз муҳоҷирони тоҷик аз тарси фиристода нашудан ба ҷанг аз гирифтани шиносномаи русӣ даст кашиданд. Русия ҳам солҳои охир низоми додани шиносномаи русиро душвор кардааст.

ТАСС



ҚАТЛИ ҲАМСАРИ ОВОЗХОН

Ҳамсари Абдусалом Мафтун, як овозхони шинохтаи вилояти Бадахшони Афғонистон субҳи 7-уми май аз сӯйи афроди мусаллаҳ кушта шудааст. Абдусалом Мафтун аз пайвандон ва шогирдони маҳаллихони шинохтаи Афғонистон Мир Мафтун мебошад.

Як манбаъ бо фиристодани наворе аз маросими ҷанозаи ин зан гуфт, ки Лайламо бо кӯдаки хурдсолаш ба тарафи бозори вижаи занон дар ноҳияи Ишкошими Бадахшон дар ҳаракат буд, ки ҳадаф қарор гирифт ва пас аз интиқол ба бемористон ҷон бохт. Кӯдаки ӯ аз ин ҳамла ҷони солим бадар бурдааст. Гуфта мешавад, ки зан дар ин бозор мудири як қаҳвахона ва масъули коргоҳи дӯзандагӣ буд, ки аз тарафи Бунёди Оқохон таъсис шуда буд.

BBC

ТРАМП БА ЧИН САФАР МЕКУНАД



ДОНАЛД ТРАМП, РАИСҶУМҲУРИ АМРИКО БА ЧИН РАФТ ВА САФАРИ Ӯ ДАР ИН КИШВАР АЗ 13 ТО 15-УМИ МАЙ ИДОМА ХОҲАД ЁФТ.

Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии Чин хабар дода, гуфт, ки ин сафари давлатии Трамп бо даъвати Си Ҷинпин, раисҷумҳури ин кишвар анҷом мешавад.

Ба гузориши расонаҳо, баррасии ҳамкориҳои Чину Амрико, бахусус дар самти тиҷорат, яке аз мавзуҳои калидии дидори раисҷумҳурҳои ду кишвар хоҳад буд. Гуфта мешавад, ки Трамп мехоҳад Пекинро таҳти фишор қарор диҳад, то ба миёнҷигарӣ барои ба даст овардани созиши хатми ҷанг бо Эрон кумак кунад. Ҷанге, ки раисҷумҳури Амрико ва иқтисоди ҷаҳонро зери фишор қарор додааст.

Дидори Трамп бо ҳамтои чиниаш қарор буд охирҳои моҳи март ва аввали апрел иттифоқ афтад, вале ба далели ҷанги Амрикову Исроил дар Эрон он ба таъхир афтод. Ӯ қаблан дар соли 2017 ҳам ба Чин сафари расмӣ анҷом дода буд.

ҶУЗЪИЁТИ САФАРИ ДОНАЛД ТРАМПРО БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР СОМОНАИ PRESSA.TJ ПАЙГИРӢ НАМОЕД.

БОЙКОТИ «ЕВРОВИДЕНИЕ-2026»

Панҷ кишвари аврупоӣ - Испания, Ирландия, Нидерландия, Исландия ва Словения эълон карданд, ки дар озмуни байналмилалии мусиқии "Евровидение-2026" иштирок нахоҳанд кард. Сабаби чунин тасмим норозигии онҳо аз иштироки Исроил дар ин озмун дар пасманзари идомаи даргириҳо дар навори Ғазза унвон мешавад.

Ба гуфтаи расонаҳо, ин бузургтарин бойкоти "Евровидение" дар тӯли таърихи ҳафтодсолаи озмун ба шумор меравад.

Ширкатҳои миллии телевизион ва радиои чанд кишвар қарор додаанд, ки на танҳо ҳунармандони худро ба озмун пешниҳод накунанд, балки пахши мустақими даврҳои ниманиҳоӣ ва ниҳоиро низ рад намоянд. Ин иқдом баъд аз он гирифта шуд, ки Иттиҳоди пахши аврупоӣ - European Broadcasting Union ҳаққи иштироки Исроилро дар озмун тасдиқ кард.

Кишварҳои бойкоткунанда мақомоти Исроилро ба "генотсид ва ҷиноятҳои ҷангӣ" муттаҳам намуда, изҳор доштаанд, ки ҳузури кишваре, ки даргирии мусаллаҳона дорад, фазои баробар барои дигар иштирокчиёнро халалдор месозад.

Дар дохили EBU баҳсҳо дар бораи он ки оё "Евровидение" бояд барои кишварҳои даргир дар ҷанг боз бошад ё не, шиддат гирифтааст. Масъулони озмун мегӯянд, ки "Евровидение" рақобати мусиқӣ миёни шабакаҳои телевизионӣ аст, на байни давлатҳо, аз ин ру Исроил ҳаққи иштирок дорад.

Озмуни "Евровидение-2026" аз 12 то 16-уми майи соли 2026 дар шаҳри Вена баргузор мешавад. Бо вуҷуди ҷанҷолҳои ахир, созмондиҳандагон гуфтаанд, ки дар озмун 35 кишвар ширкат хоҳанд кард.



АФҒОНҲОИ ДЕҲМОЙ КУҶО «ҒАЙБ ЗАДАНД»?

КДАМ ба овозаҳо посух гуфт



Ҳодисаҳои ахири марбут ба боздошти як шаҳрванди Афғонистон бо гумони қатли ваҳшиёнаи сокини шаҳри Хуҷанд ва баъдан нопадид шудани даҳҳо паноҳҷӯйи афғонистонӣ аз ҷамоати Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов ба яке аз мавзуҳои баҳсталаби ҷомеаи Тоҷикистон табдил ёфт. Дар пайи ин сарусадоҳо КДАМ ахиран изҳорот пахш кард ва сабаби ихроҷи паноҳандагони Афғонистонро шарҳ дод.

ВОКУНИШИ РАСМИИ КДАМ

Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон (КДАМ) рӯзи 10-уми май тавассути “Ховар” ба муроҷиати шаҳрванди Афғонистон Муҳаммад Ҳаким Турсун посух дода, сабабҳои ихроҷи бархе шаҳрвандони Афғонистонро шарҳ дод.

Дар изҳороти КДАМ таъкид шудааст, ки баъзе аз паноҳҷӯён “новобаста аз шароити мавҷуда, аз ҷумла макони созгори иқомат, ҷойи кор, таҳсил, амнияту осоиш талаботи қонунгузории кишварро дағалона вайрон намудаанд”.

Мақомот омори як қатор ҷиноятҳоро низ пешниҳод карданд, ки ба гуфтаи онҳо, аз ҷониби шаҳрвандони Афғонистон содир шудаанд.

Аз ҷумла:

- *670 мавриди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир;*
- *32 мавриди пайравӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ;*
- *15 мавриди зӯроварии шаҳвонӣ нисбат ба нобоғон;*
- *594 мавриди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои гирифтани мақоми паноҳандагӣ;*
- *45 мавриди ташкили марказҳои дилхушӣ ва қимор-бозӣ;*
- *25 мавриди алоқамандӣ бо созмонҳои тахрибӣ ва кӯшиши ноором сохтани вазъият.*

Аммо **КДАМ мушаххас нагуфт, ки ин омор ба кадом давра тааллуқ дорад ва чанд мавриди он ба паноҳҷӯёни муқими вилояти Суғд вобаста аст.**

ҚАТЛИ ВАҲШИЁНА ДАР ХУҶАНД

Яке аз омилҳои асосии бало гирифтани нигарониҳои ҷомеа ҳодисаи пурсарусадои куштори сокини шаҳри Хуҷанд гардид. Ба иттилои мақомот, шаҳрванди 22-солаи Афғонистон Раҳмони Муҳаммадумар шоми 30-юми апрели соли 2026 сокини 29-сола Азиза Воҳидоваро “бо бераҳмии махсус” ба қатл расонидааст.

Дар изҳороти КДАМ гуфта мешавад, ки ҷабрдида барои ҳимояи шаъну номуси худ талош кардааст, аммо бо “ваҳшонияти хос” кушта шудааст.

Пештар Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон низ аз боздошти гумонбар хабар дода буд. Ба иттилои ВКД, ӯ ҳамчун паноҳанда дар ҷамоати Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов “ғайриқонунӣ” иқомат доштааст.

Мақомот иддао доранд, ки гумонбар ҷиноятро “аз ҳиссиёти баланди шаҳвонӣ” содир кардааст. Дар наворе, ки ВКД нашр намуд, Раҳмони Муҳаммадумар иқрор мекунад, ки ба ҷисми ҷабрдида чанд корд задааст, ҳарчанд маълум нест навор дар чӣ шароит сабт шудааст.

Ин ҳодиса дар ҷомеа вокуниши густарда ба бор овард. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва миёни сокинон нигаронӣ аз афзоиши ҷиноятқорӣ ва масъалаи назорати муҳоҷирон бештар садо дод.

“ҒАЙБ ЗАДАН”-И ПАНОҲҶӮЁНИ ДЕҲМОЙ

Баъди нашри хабари куштор сокинони ҷамоати Деҳмой ба расонаҳо хабар доданд, ки рӯзи 4-уми май даҳҳо паноҳҷӯйи афғонистонӣ ногаҳон аз маҳали иқомати худ бурда шудаанд.

Ба гуфтаи шоҳидон, ҳудуди 200-250 нафар, ки солҳо боз дар ин минтақа зиндагӣ мекарданд, бо мошинҳо ба самти номаълум интиқол дода шудаанд. Баъзе сокинон мегуфтанд, ки “15-17 газел” омада, ҳамаи онҳоро бурданд. То нашри посухи КДАМ мақомоти кишвар ин иқдомро расман тасдиқ намекарданд. Танҳо гуфта мешуд, ки ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ бояд будубоши худро қонунӣ гардонанд ва қонунҳои Тоҷикистонро риоя намоянд.

Акнун КДАМ навишт, ки “ашхоси мазкур барои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва риоя накардани қонунгузории ҷумҳурӣ муттаҳам мебошанд ва барои пешгирӣ аз содиршавии ҷиноят дар оянда ин иқдомҳо гирифта шудааст”.

Бо вуҷуди ин, мақомот ҳанӯз дақиқ нагуфтаанд, ки ин паноҳҷӯён ба кучо интиқол дода шуда ва чанд нафар воқеан ихроҷ гардидаанд.

МАКОНИ МУВАҚҚАТИ

Ноҳияи Ҷаббор Расулов солҳои зиёд ягона минтақаи вилояти Суғд ба ҳисоб мерафт, ки дар он паноҳандагони афғонистонӣ муқимӣ зиндагӣ мекарданд.

Ҳудуди 20 сол пеш дар ин ноҳия танҳо чанд оилаи афғонистонӣ зиндагӣ мекарданд. Бо гузашти вақт шумораи онҳо бештар шуд. Тибқи маълумоте, ки моҳи январ муовини раиси ноҳия Зумрат Муталлибзода дар нишасти матбуотӣ пешниҳод карда буд, 201 шаҳрванди Афғонистон ҳамчун муҳоҷир дар ноҳия зиндагӣ мекарданд.

Ба гуфтаи мақомот, аксари онҳо Тоҷикистонро ҳамчун макони муваққатӣ истифода бурда, нияти сафар ба кишвари сеюмро доштаанд.

Бисёре аз сокинони маҳаллӣ мегӯянд, ки бо ҳамсояҳои афғонистонии худ муносибати хуб доштанд. Онҳо дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла нуқтаҳои шустушӯи мошин, корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонӣ фаъолият мекарданд.

ПОСУХИ ДУШАНБЕ БА НИҲОДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ниҳодҳои байналмилалӣ қаблан аз мавридҳои ихроҷи паноҳандагони афғонистонӣ аз Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карда буданд. Душанбе дар посух ҳамеша таъкид мекунад, танҳо шахсоне ихроҷ мешаванд, ки ғайриқонунӣ иқомат доранд ё қонунро вайрон мекунанд.

КДАМ низ дар посухи ахири худ таъкид кардааст, ки “бештар аз 10 ҳазор хонаводаи афғонистонӣ, ки талаботи қонунҳоро риоя мекунанд, дар Тоҷикистон оромона зиндагӣ доранд ва аз ҳамаи имтиёзҳо бархӯрдоранд”.

Ин ниҳод ҳамчунин ёдовар шудааст, ки Тоҷикистон тайи 35 соли охир барои се насли шаҳрвандони Афғонистон “ватани дуюм” гардидааст ва ҳамеша ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо эҳтиром гузоштааст.

О. СОҲИБЗОДА

РЕЗААХБОР

Нусратулло Давлатзода, раиси Кумитаи андози Тоҷикистон бо Филип Ван де Велде, раиси Хадамоти молияи Белжик дар Брюсел, пойтахти ин кишвар дидору гуфтугӯ кардаанд. Ба иттилои Кумитаи андози кишвар, ин мулоқот рӯзи 11-уми май сурат гирифта, дар он масъалаҳои "маъмурикунонии андоз, ислоҳоти низоми андози ду кишвар, идоракунии қарзҳои андозӣ” ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ шудааст.

***

Маблағгузории бахши энергетика дар Тоҷикистон аз буҷаи давлат барои соли равон қариби 15,9 млрд сомонӣ афзоиш ёфтааст. Қаблан ин нишондиҳанда ҳудуди 14,9 млрд сомониро ташкил медод.

***

Ташкилотҳои қарзии молиявии Тоҷикистон дар моҳи марти соли равон беш аз 672 млн сомонӣ фоида гирифтаанд. “Ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба маблағи 29 млн сомонӣ ё ба андозаи 4,5% зиёд мебошад”,- иттилоъ дод Бонки миллии Тоҷикистон.

***

Ҳудуди 40 ҳазор тоҷикистонӣ айни ҳол дар 47 кишвари дунё таҳсилоти олӣ мегиранд. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Донишгоҳи Пекин иттилоъ дод.

***

Аз 13 то 17-уми май дар шаҳри Душанбе “Рӯзҳои фаронсавизабонон (франкофонӣ)-2026” баргузор мешавад, ки дар он намоиши баъзе филмҳо ва шоми мусиқии фаронсавӣ дар назар аст. Ин чорабинӣ аз ҷониби Сафорати Фаронса дар ҳамкорӣ бо дафтари ҳамкории Суис дар Тоҷикистон ва Сафорати Белжик дар Қазоқистон сурат мегирад.

***

Амрико ба маблағи 1 миллиону 876 ҳазору 761 доллар ба бемористонҳои Тоҷикистон таҷҳизоти тиббӣ додааст. Ин дастгоҳҳо бар асоси созишномаи 78-миллиондолларие, ки аввали моҳи апрел миёни Душанбе ва Вашингтон дар бахши тандурустӣ имзо шуда буд, ба Вазорати тандурустии Тоҷикистон супурда шудаанд.

БА НОБОЛИҒОН КОРД НАФУРЎШЕД!

Милитсияи Душанбе аз соҳибкорон ва савдогарон хостааст, ки аз фурӯши кордҳои хоҷагидорӣ ба ноболиғон худдорӣ кунанд.

Ин ниҳод рӯзи 13-уми май гуфтааст, санҷишҳояш ошкор кардаанд, ки ноболиғон бештар вақт кордҳоро аз бозорҳо ва нуқтаҳои фурӯши молҳои рӯзгор мехаранд.

Ба иттилои манбаъ, “ҳангоми муноқишаҳо ва авбошиҳои гурӯҳӣ” аз ҷониби ноболиғону ҷавонон истифодаи кордҳои гуногуни хоҷагидорӣ “зиёд ба мушоҳида мерасад”.

Милитсияи Душанбе ҳамчунин аз волидони наврасон талаб кардааст, ки “рафтору кирдори фарзандони худро зери назорати ҷиддӣ” қарор диҳанд ва дар таълиму тарбияи онҳо “масъулияти ҷиддӣ” эҳсос намоянд.



$ 95 МЛН БА РУШДИ НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ

Барномаи нав кадом масъаларо фаро мегирад?

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН НАҚШАИ АМАЛИ “БАРНОМАИ РУШДИ НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ СОЛҲОИ 2023-2028”-РО ТАСДИҚ КАРД. ҚАРОР ДАР ИН БОРА 28-УМИ АПРЕЛИ СОЛИ 2026 БА ИМЗО РАСИД. ИН МАРҲИЛАИ ДУЮМИ БАРНОМАИ МАЗКУР МЕБОШАД, КИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОРО БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2028 ДАР НАЗАР ДОРАД.



Маблағи умумии татбиқи нақша 888 миллиону 48 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки баробар ба 95 миллион доллар арзёбӣ мешавад. Ҷолиб он аст, ки қариб 782 миллион сомонӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ва танҳо 105 миллион сомонӣ аз ҷониби шарикони рушд пешбинӣ шудааст.

ЧАРО НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ БАРОИ ТОҶИКИСТОН МУҲИМ АСТ?

Тоҷикистон аз кишварҳое ба шумор меравад, ки беш аз 90 дарсади нерӯи барқаш аз манбаъҳои обӣ истеҳсол мешавад. Аз ин рӯ, гузариш ба нақлиёти барқӣ барои кишвар танҳо масъалаи экологӣ не, балки як масъалаи иқтисодӣ низ мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон барои воридоти сӯзишворӣ маблағҳои зиёд сарф мекунад. Дар чунин шароит афзоиши шумораи мошинҳои баркӣ метавонад вобастагии кишварро аз бензину дизел коҳиш диҳад. Аз ҷониби дигар, истифодаи нерӯи барқи дохилӣ барои нақлиёт маънои онро дорад, ки маблағҳои бештар дар дохили иқтисоди миллӣ боқӣ мемонанд.

Барнома ҳамчунин ба коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ мусоидат мекунад. Шаҳри Душанбе солҳои охир бо мушкили ифлосшавии ҳаво рӯ ба рӯ аст. Электробусҳо ва электромобилҳо метавонанд сатҳи олудагии ҳаворо дар шаҳрҳо коҳиш диҳанд.

ЗЕРСОХТОРИ АСОСӢ

Яке аз қисматҳои муҳими нақша бунёди инфрасохтори баркгирӣ мебошад.

Солҳои 2026-2028 дар кишвар 1100 нуқтаи нерӯдиҳӣ барои нақлиёти барқӣ сохта мешавад. Аз ин шумора:

- *555 адад дар Душанбе;*
- *200 адад дар вилояти Суғд;*
- *200 адад дар Хатлон;*
- *110 адад дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;*
- *35 адад дар ВМКБ ҷойгир хоҳанд шуд.*

Барои ин ҳудуди 167 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки давлат мехоҳад шабакаи нисбатан васеи хизматрасониро пеш аз афзоиши оммавии электромобилҳо ташкил намояд. Зеро таҷрибаи кишварҳои дигар собит кардааст, ки бидуни инфрасохтори кофӣ бозори нақлиёти баркӣ рушд намекунад.

Аммо мушкил дар он аст, ки шабакаҳои барқии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳо, ҳанӯз ҳам ба навсозӣ ниёз доранд. Дар фасли зимистон баъзе минтақаҳо бо маҳдудияти нерӯи барқ рӯ ба рӯ мешаванд. Агар шумораи нақлиёти баркӣ босуръат зиёд гардад, сарбории шабакаҳо бештар хоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар барнома масъалаи азнавсозии зеристгоҳҳо ва таҳвияти инфрасохтор низ пешбинӣ шудааст.

ИСТЕҲСОЛИ 210 ЭЛЕКТРОБУС

Қисмати аз ҳама гаронарзиши барнома истеҳсол ва омодасозии 210 электробус мебошад. Барои ин 714 миллиону 280 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ҳар сол бояд 70 электробус омода гардад.

Айни ҳол дар Душанбе 60 электробуси муосири “AKIA ULTRA” фаъолият доранд. Тибқи арзёбии баъзе мутахассисон, истифодаи онҳо нишон дод, ки нақлиёти баркӣ метавонад хароҷоти сӯзишворӣ ва таъмирро коҳиш диҳад. Айни замон арзиши хариди чунин автобусҳо нисбат ба автобусҳои маъмулӣ хеле баланд аст.

Аз ҳамин сабаб, муваффақияти лоиҳа бештар ба қобилияти ҷалби сармояи хусусӣ вобаста хоҳад буд. Ҳукумат умед дорад, ки тавассути имтиёзҳо ва бехтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкатҳои хориҷӣ ва дохилӣ ба ин бозор ворид мешаванд.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАИ БАҲСТАЛАБ

Яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар ҷаҳон сарнавишти батареяҳои истифодашуда мебошад. Аккумуляторҳои нақлиёти барқӣ дорои моддаҳои кимиёвии хатарноканд ва дар сурати коркарди нодуруст метавонанд ба муҳити зист зарар расонанд.

Дар барномаи Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷудогона дода шудааст. Нақша таъсиси нуқтаҳои ҷамъоварии батареяҳои истифодашуда, ҷудо кардани қитъаҳои замин ва таҳияи технологияи безараргардонӣ ва истифодаи такрории онҳоро пешбинӣ мекунад.

Ин иқдом муҳим аст, зеро бисёре аз кишварҳои минтақа ҳанӯз низоми коркарди аккумуляторҳоро надоранд. Агар Тоҷикистон ин самтро сари вақт рушд диҳад, метавонад дар оянда ба маркази минтақавии хизматрасонӣ ва коркарди батареяҳо табдил ёбад.

ТОҶИКИСТОН ВА БОЗОРИ ҶАҲОНИИ НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ


Дар солҳои охир бозори ҷаҳонии нақлиёти барқӣ босуръат рушд мекунад. Ширкатҳои чинӣ, аз ҷумла истеҳсолкунандагони “BYD”, “Geely” ва дигарон ба бозорҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ доранд. Дар Душанбе аллакай ду маркази хизматрасонии “BYD Service” фаъол аст ва дар доираи барномаи нав ифтитоҳи 10 нуқтаи дигар пешбинӣ шудааст.

Ҳукумати Тоҷикистон инчунин ният дорад, ки бо истеҳсолкунандагони пешбари ҷаҳон созишномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум имзо намояд. Агар чунин тарҳҳо амалӣ шаванд, Тоҷикистон метавонад на танҳо истеъмолкунанда, балки қисман истеҳсолкунандаи нақлиёти барқӣ дар минтақа гардад.

Д. Қодирпур

САВДОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

январ-марти соли 2026



*Манбаъ: Маълумоти Хадамоти гумруки Тоҷикистон

$8 МИЛЛИАРД САРМОЯГУЗОРӢ

Тоҷикистону Чин дар марҳилаи нави шарикии стратегӣ



ЯКЕ АЗ РӮЙДОДҲОИ РАМЗИИ ИН САФАР СУПОРИДАНИ УНВОНИ ПРОФЕССОРИ ФАХРИИ ДОНИШГОҲИ ПЕКИН БА САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БУД.

(Аввалаш дар саҳ. 3)



Татбиқи ин лоиҳа ба рушди инфрасохтори шаҳрӣ ва густариши ҳамкории сармоягузорӣ байни Тоҷикистону Чин мусоидат мекунад”,- изҳор дошт Маҷиан Ли, роҳбари ширкати «Шандун Шиҷиа билдинг»-и Чин. Ширкатҳои дигари маъруфи Чин низ ҳавасманд ва омодаи сармоягузорӣ ба рушди Тоҷикистонанд. Аз ҷумла, Лю Чуану, муассис ва роҳбари ширкати машваратии тиҷоратии «Huahe International»-и Чин гуфт:



- Ширкат солҳои зиёд бо шарикони тоҷик, аз ҷумла «Тоҷинвест» ва Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад. Самти асосии фаъолияти ширкат сармоягузорӣ, машварати тиҷоратӣ ва мусоидат ба ҳамкории байниминтақавӣ мебошад. Мо намоишгоҳҳо баргузор менамоем ва чанде пеш дар Тоҷикистон низ намоишгоҳи бузурги молҳои Чинро ташкил карда будем. Ҳамасола ҳайатҳои гуногунро ба Тоҷикистон мефиристем ва минбаъд низ баргузории форумҳо, намоишгоҳҳо ва сафарҳои кориро идома медиҳем.

Ширкат ба дастгирии касбии сармоягузорони чинӣ барои вуруди бехатар ва самаранок ба бозори Тоҷикистон ва густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ таваҷҷуҳи хоса дорад.



Хуан Бо, раиси Шурои директорони ширкати «TBEA Company Limited»:

- Ширкат тасмим гирифтааст фаъолияти сармоягузориашро дар Тоҷикистон густариш, ҳаҷми лоиҳаҳоро дар соҳаҳои энергетика ва саноат афзоиш диҳад. «TBEA Company Limited» аз соли 2005 инҷониб дар Тоҷикистон фаъолият мекунад ва дар ин давра аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳамаҷониба дарёфт намуд.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Чин ба ширкат боварии иловагӣ бахшид. Инчунин, барои густариши минбаъдаи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меорад.

Мо минбаъд низ фаъолиятамонро васеъ намуда, ҷойи нави кор таъсис медиҳем ва дар рушди иқтисоди Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорем.



Мяо Шэнлян, роҳбари ширкати «Shandong Tianhong Technology»-и Чин:

- Дар Тоҷикистон татбиқи лоиҳаи истеҳсоли мошинҳои боркаши вазнин ва ядакҳо бо чалби ширкат дар назар аст.

Дар марҳилаи аввал таъсиси корхонаи васлкунии мошинҳои боркаши вазнин дар Тоҷикистон дар асоси маҷмаҳои KD пешбинӣ гардида, баъдан гузариш ба истеҳсоли пурраи онҳо дар назар аст.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, ядакҳо низ марҳила ба марҳила истеҳсол карда мешаванд. Қисме аз ҷузъҳо ва нимтайёрҳо аз Чин ворид гардида, барои васлкунӣ дар қаламрави Тоҷикистон истифода хоҳанд шуд. Дар баробари ин якчанд раванди истеҳсолӣ дар дохили ҷумҳурӣ амалӣ мегарданд. Татбиқи ин лоиҳа ба рушди соҳаи саноат, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истеҳсолӣ, таъсиси ҷойи нави кор ва густариши ҳамкории иқтисодии Тоҷикистону Чин мусоидат хоҳад кард.








ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПРОФЕССОРИ ФАХРИИ ДОНИШГОҲИ ПЕКИН

Яке аз рӯйдодҳои рамзии ин сафар супоридани унвони профессори фахрии Донишгоҳи Пекин ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон буд.

Бо қарори Шурои илмиву таълимии донишгоҳ ин унвон ба Президенти Тоҷикистон барои саҳм дар таҳкими муносибатҳои Тоҷикистону Чин, рушди робитаҳои илмӣ, гуманитариву фарҳангӣ ва ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи обу иқлим дода шудааст. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ таъкид кард, ки имрӯз наздики 6 ҳазор донишҷӯи тоҷик дар Чин таҳсил мекунанд ва беш аз 10 ҳазор нафар муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишварро хатм намудаанд. Коршинон чунин мешуморанд, ки натиҷаҳои сафари давлатии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Чин нишон медиҳанд, муносибатҳои ду кишвар аз ҳамкории одии иқтисодӣ ба сатҳи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ мегузаранд. Имзои созишномаҳои муҳим, тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, энергетикаи “сабз”, саноат ва маориф нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон ва Чин ният доранд муносибатҳои худро дар даҳсолаҳои оянда боз ҳам мустаҳкамтар гардонанд.

Усмон РАҲИМЗОДА



СИМФОНИЯИ ИСЁНИ ХИРАД

(Дар ҳошияи роман-новеллаи “Агар…”)

“МУСИҚИИ СИМФОНӢ АЗ АШК, АНДУҲ, МОТАМ, ШОДӢ, ЭЪТИРОЗ, ИСЁН ВА МУРДАНУ ЗИСТАН ИБОРАТ АСТ”.

Волфганг Амадей Мотсарт

Тарҷумаи ҳоли аксар зиёёни эҷодкор, ки дар оилаҳои маъруф ба воя расидаанд, аз зикри шуҳрати волидон сар мешавад. Вале шарҳи ҳоли Толибхон Шаҳидӣ аз шуҳрати касбии падараш - бунёдгузори мусиқии симфонии тоҷик дар охир ёдрас мешавад. Охири солҳои ҳаштодум фосилаи байни шуҳрати падар ва писар кам гардид ва ҳатто дар алоҳида жанрҳо Толибхон Шаҳидӣ (аниқтараш, аз соли 1987) бо шуҳрати падар ҳамвазн шуд. То ҷойе огоҳӣ дорем, падару писар аз вазифа, мақом ва шуҳрати ҳамдигар ягон бор сӯйистифода накардаанд. Ҳамкорам, ки табиатан кунҷков ва хабаркаши моҳир ҳам ҳаст, айёрона пурсид:

- Чаро маҳз соли 1987?

Одатан, ман барои посух ба афроди нофаҳм аз бузургон иқтибос намеорам. Омиёна ҷавоб дода, сукут ихтиёр мекунам. Аммо барои мутолиаи роман-новеллаи “Агар...” - китоб ё симфонияи маҳорати саликаи “Агар...” бояд пешакӣ ба даҳҳо “магар”-ҳо, “чаро”-ҳо, “чиро”-ҳо, “кӣ”-ҳо, “чӣ”-ҳо ҷавоб ҷуст. Зеро дар ин китоб аз тафсири зиндагӣ ва таҳлили эҷодиёти нобиғаҳои мусиқии касбии симфонии Шарқ - Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ ҳикоя шудааст.

Дар Бадахшон дар урфият мегӯянд, ки “барои алифро шинохтан бояд алифборо омӯхт”. Роман-новеллаи “Агар...” барои зарфияти ақлу хирад фозилону ашрофзодагон навишта шудааст. Барои мутолиаи он сараввал бояд аз омилҳои ташаккули маҳорати эҷодӣ, роҳу усули мактаби мусиқии симфонии шуҳрати Шаҳидиҳо огоҳӣ пайдо кард. Дуюм, ба мусиқии симфонии касбӣ дил додан зарур аст. Баъдан, ақаллан як соат шоҳкориҳои Толибхон Шаҳидӣ, амсоли достонҳои симфонии “Ҷашн”, “Садо”, “Симфонияи рақами 3”, “Консерт барои фортепиано”-ро гӯш кардан лозим аст. Бахусус, симфонияи “Садо” муассиртарин дору барои оромии асаби инсон аст.

Ман агар симфонияи “Оркестр барои фортепиано рақами 3”-ро гӯш кунам, лаҳзаҳои мусаввараи маъруфи дунё - “Тӯфони Нуҳ”-и Иван Айвазовский пеши назар ҷилвагар мешавад. Рассом баҳрро пас аз тӯфони шадиди шабона ва одамони киштии ғарқшударо тасвир мекунад. Нурҳои офтоб мавҷҳои боҳашаммати даҳшатпароканро равшан мекунанд. Бузургтарин - мавҷи нуҳум ба зудӣ одамонеро, ки кӯшиш мекунанд худро дар киштипораҳо начот диҳанд, аз пардаи торикӣ раҳо мекунад. Толибхон Шаҳидӣ дар офариниши ин достонҳо ҳам гӯш, ақл ва завқи инфиродии одамонро табақабандӣ мекунад. Навоҳои нарм мисли шаддаи муҳраи марҷон ба танини мутантани фарёдҳо табдил мешаванд. Дар ин достонҳо такти фалаҷ эҳсос намешавад.

Набояд сарфи назар кард, ки иҷрои мусиқии симфонӣ бо якду асбоб номумкин аст. Он аз заҳмати даҳҳо нафар навозандагон, ки байнашон низому равобити ботинии нозук мавҷуд аст, таркиб ёфтааст. Воқеан, дар ин жанри мушкил ҳатто нобиғаҳои дунё - Бетховен, В. А. Мотсарт, И. Брамс, П. И. Чайковский, Г. Малер хеле дер ба қутби шуҳрату эътироф расиданд. Ба ҳамин минвол достонҳои симфонии Толибхон Шаҳидӣ “Садо” яъс, хастагӣ ва рӯҳафтодагии равонро батадриҷ барқарор менамоянд. Муболиға не, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо “Симфонияи шашум”-и Дмитрий Шостакович қудакони маризи асабро табобат мекарданд. Дар мактаби мусиқии симфонӣ ва классикии бенгалии Ҳиндустон дарди шадиди майнаи сарро табобат мекунанд.

Акнун “Чаро соли 1987?”-и устод Шариф Ҳамдампурро шарҳ медиҳем. Адиб ва публисисти маъруф Ҳамдампур ҳеҷ гоҳ дар зери акси шер “Ин шер аст” наменависад. Ӯ медонад, ки асарҳояш барои ақлу завқи кӯчаку миёна нестанд. Бояд зикр кунем ва сад аҳсан ба истеъдоди фавқулодаи муъҷизавию яздонии Шариф Ҳамдампур, ки барои пур кардани саҳифаи китоб омору далелро зӯран ба матн кафшер намекунад. Ӯ мантиқ, моҳият ва афзалияти арқому ақоикро шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, адиби пажӯҳишгар дар публисистикаи илмӣ-амалӣ оид ба Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Отахон Латифӣ, Муродулло Шерализода иллатҳои “хати сурх”-ро аз рӯйи ченаки марксистӣ ва коммунистӣ амиқу бефараз таҳлил мекунад. Ҳамдампури адиб муросокор ва тачзияталаб нест.

Пас аз вуруди нерӯҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба Афғонистон, идеологияи “бозсозии капитализмсозӣ”-и Горбачёв соли 1986 пирӯзии Ғарбро (бо сарварии ИМА) дар ҷабҳаи доғи ҷанги сард таъмин намуд. Ғарб моҳирона истеъдодҳо, одамони барӯманди адабиёт ва санъатро ба набард ҷалб карда буд. Михаил Горбачёв барои парвоз ба олами хиёнат “майдони ҳавоии бозсозӣ” сохт. Аз ин рӯ, қолаб ва ё усули Збигнев Бжезинский - мубаллиғ ва идеологсози буржуазии асри 20-и ИМА, Британия, Олмон чун силоҳи асосӣ сохта шуд. Беҳтарин истеъдодҳоро ба ИМА, Канада ва Аврупо даъват мекарданд. Ин як навъ санҷиши тестиву озмоишӣ буд. Аввалан, Ғарб садоқати истеъдодҳоро муайян мекард (78 фоизи зиёёни эҷодкори Иттиҳоди Шуравӣ то соли 1987 дар хорича сокин шуданд). Дуюм, оид ба мутобиқшавӣ ва истифодаи ин маҳзҳо ба манфиати хеш лоиҳаҳоро амалӣ мекарданд. Ман ташдидро ба калимаи “маъруфтарин” равона мекунам. Аз ин рӯ, соли 1987 Толибхон Шаҳидӣ чун беҳтарин ва машҳуртарин истеъдодҳо бори нахуст дар Озмуни байналмилалии мусиқии муосир дар Ню-Ҷерсӣ - Глазборо, ИМА (1987) Иттиҳоди Шуравиро муаррифӣ намуда, сазовори мақоми аввал гардид. Ин ғолибият тафаккур ва ормони ҷабҳаҳои идеологии коммунистиро тағйир дод. Ӯ ватанашро ба миллионҳо доллар ва имтиёзҳо иваз накард. Аммо исбот намуд, ки санъати омезишёфтаи мусиқии симфонии Шарқу Ғарбу тоҷик дунёро тасхир мекунад. Ҳатто худи амрикоиҳо, ки танҳо Чайковский, Тихон Хренников, Баласян, Дмитрий Шостакович, Сергей Прокофев ва Арам Хачатурянро эътироф мекарданд, барои коҳиши ҳаяҷону ҳайрат ангушт ба даҳон монданд. Ва хеле аҷиб аст, ки дар он давра насли нави бастакорон - Толибхон Шаҳидӣ, Шодмон Пӯлодӣ, Фирӯз Баҳор, Зокир Нишонов, А. Латифзода, Заррина Миршакар, Пайрав Марадасейнов аллакай аз чорчӯбаи сиёсӣ раҳо шуда, оҳангҳои сирф миллии касбӣ эҷод мекарданд. Мардуми дур аз сиёсат дар ИМА ва Аврупо зуд ба сози Толибхон Шаҳидӣ, Шодмон Пӯлодӣ ва Фирӯз Баҳор дил доданд.

Ба саволи “чаро?”-и Ҳамдампур се ҷавоби дақиқ мавҷуд аст. Мо имрӯз публисистикаи ба ҳамаи касбу шуғлҳо дастрасу муассир кам дорем. Албатта, дар мавриди хоҷагии қишлоқ, нерӯгоҳҳои “Роғун” ва “Норак” мо нобиғаҳои публисист, мисли Рачаб Мардон, Мутеъулло Наҷмиддинов, Мирзо Шукуров, Бахтиёр Муртазоев дорем. Вале чеҳракушои санъати мусиқии симфонӣ то дирӯз надоштем. Агар чанд очерки Абдурофеъ Рабизод ва Тиллои Неккадамро истисно кунем, дунёи мусиқии рӯҳпарвар то ҳол пӯшида аст. Инро профессорон ва санъатшиносони маъруф - Аскаралӣ Рачабов ва Аслиддин Низомов низ эҳсос карданд. Банда низ дар ин самт қаламкашӣ кардам ва китоби “Тӯфон дар қатраҳои ашк”-ро рочеъ ба ҳунарманди маъруф Хушназар Майбалиев навиштаам. Аммо ба ин “шиканҷаи эҷодӣ” тоб оварда натавонистам. Ба ин танҳо Шариф Ҳамдампур қудрат ва бағоҷи эҷодии кофӣ дорад.

Замоне як муҳаққиқ ва публисисти навкор дар бораи устод Мирзо Турсунзода очерки калонҳаҷм навишта буд. Бузургон ва роҳбарони вақт тавсия доданд, ки набояд пиёдагард дар бораи чобуксавор нависад. Сартароширо аз каллаи бузургон наомӯзем. Аз ин рӯ, онҳо ҳамвазни устод Мирзо Турсунзода ба ин кори муҳим Атахон Сайфуллоев ва Убайд Рачабро сафарбар карданд. Дар асл ҳам, имрӯз шореҳи шуҳрати Зиёдулло ва Толибхон Шаҳидиҳо шахсе, ки фалсафаи рӯз, асрори печидаи санъати мусиқии симфонӣ, драматизм ва роҳати мусиқии симфонӣ ва операвиро медонад ва ҳис мекунад, танҳо Шариф Ҳамдампур аст. Ҳамзамон, асари фалсафӣ ва равонии дорои драматизми амалӣ ва фасеҳзабони дастрас - роман-новеллаи “Агар...”-и Ҳамдампур беҳтарин публисистикаи се даҳсола маҳсуб мешавад.

Ҳамдампур қаҳрамононашро омиёна не, балки бо забони бузургони ин соҳа ба завқхонаи меҳри хонанда равон мекунад. Ӯ ба хубӣ тафовути санъати мусиқии тоҷикро аз “Республикаи ман”-и Шарофиддин Сайфиддинов то операи сатҳи ҷаҳонии “Комде ва Мадан” ва достони “Садо” возеҳ дарк кардааст.

Шариф Ҳамдампур рӯшан ва амиқ шарҳ медиҳад, ки мардуми ҷаҳон аз шоҳкориҳои “Шашмақом” ва “Фалак”-и тоҷикӣ огоҳ буданд. Аммо то ҳол касе намедонист, ки мактаби мусиқии симфонии Зиёдулло ва Толибхон Шаҳидӣ танину навоҳои ин ду шоҳкориро дар фортепиано, виолончел, саксафону ғиҷак ғунҷонданд ва ба нотаи касбӣ кашиданд.

Дар тамоми дунё санъати мусиқии симфонӣ ва оперӣ шуҳрат дорад. Алломаи мусиқӣ Зиёдулло Шаҳидӣ бунёдгузори мусиқии симфонии касбӣ, нахустин бор навои рӯҳбахши Шарқ ва мусиқии инқилобии мутантани Ғарбро омезиш дода, симфонияи душохаи яктанро офарид. Он чиро, ки баъдтар дар дунё Элвис Пресли, Ҷо Дассен, Фредди Меркури, Аҳмад Зоҳир, Зоҳир Ҳувайдо, Шанкар-Ҷайкишан ва Мукеш омезиши санъати Ғарбу Шарқро ривоҷ доданд. Устод Зиёдулло Шаҳидӣ ва баъдан Толибхон Шаҳидӣ ба “шӯрбо”-и симфонияи классикии муосири тоҷик “намак”-и “Шашмақом”, “мурч”-и мусиқии “Фалак” ва

“сабзиҷот”-и фаҳлавиёти мардумӣ андохта, таоми лазизи мусиқии рӯҳнавоз офаридаанд.

Олами мусиқии дунё (шоу-бизнес) ва тиҷорати мусиқии симфонӣ шадидтарин ва бераҳмтарин рақобат аст. Дар ин арса “миёна” будан хатарнок аст: ё маҳв мешавӣ, ё ситораи ҷаҳон хоҳӣ шуд. Ва мо баъди сад соли дигар низ ифтихор мекунем, ки дар қатори ситораҳои дунё тоҷикон Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ ҷо гирифтаанд.

Ҳамдампур хеле нозук бо ишораҳои оқилона равишу омилҳои рушди ин соҳаро нишон медиҳад. Дар сад соли охир роҳи сеюм ҳанӯз пайдо нашудааст. Маъмулан бояд ошкоро ҳарф занем. Аз замони шоҳи Британияи Кабир - Ричарди II (1367-1400) санъати мусиқии симфонӣ аз ҷониби дарбор ва баъдан ҳукуматҳо пурра сармоягузорӣ шуда буд. Ин ягона санъати дунё аст, ки бо гадоӣ ё хидмат дар тӯй ва садақа рушд намеёбад. Аммо бастакорони номӣ Толибхон Шаҳидӣ ва Шодмон Пӯлодӣ барои доир кардани аввалин консертҳои худ дар Аврупо шиканҷаи тоқатнопазири рӯҳиву зеҳниро паси сар карданд. Ҳама харҷ, аз ҷумла музди эҷодӣ ва таҳияи консертҳо бояд аз ҷониби давлат пардохт мешуд. Боиси ифтихор аст, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин хотир дар назди Президенти Тоҷикистон Оркестри давлатии симфонии тоҷикро чун сохтори алоҳида таъсис доданд. Ва ҳамзамон фурсати қулай фаро расидааст, ки оркестри алоҳидаи осори Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ таъсис дода шавад. Аз шуҳрати ҷаҳонии Зиёдулло ва Толибхон Шаҳидиҳо ва таҳқиқи устод Шариф Ҳамдампур бармеояд, ки дунё санъати мусиқии симфонии тоҷикро эътироф кардааст. Ва дирижёрҳои маъруфи дунё - Леонид Николаев, Вл. Василев, Мартин Нерсесян, Оркестри Госкинои Иттиҳоди Шуравӣ, Арнолд Катс, Чарлз Ансбахер (ИМА), Зоҳид Ҳақназаров, Константин Криметс, Сергей Скрипка, Валерий Гергиев, Хобарт Эрл (ИМА), Бежан Хадем Мисак (Австрия), Элдор Азимов, Талибберген Абдрашев, Берон Меробов, Азиз Ниёзмамадов асарҳои дуюмдараҷаро дирижёрӣ намекарданд.

Дар ибтидои “Даврони тилоӣ”-и санъати мусиқии тоҷик маҳз тавассути Зиёдулло Шаҳидӣ, Шарофиддин Сайфиддинов, Саид Ҳамроев, Фаттоҳ Одинаев мусиқии симфонии тоҷик ба “моли маънавии содиротӣ” табдил ёфт. Операи “Комде ва Мадан” (бар асоси навиштаи Бедил, 1960, Душанбе), “Ғуломон” (С. Айнӣ), достони симфонии “Соли 1917” (1967) ва мусиқии классикии тоҷик дар саҳнаҳои Деҳлӣ, Париж, Москва ва Вена танинандоз гардид.

Роман-новеллаи “Агар...” боз аз он ҷиҳат тааҷҷубовар аст, ки симо, хислат ва тавони ботинии қаҳрамонҳо бо монологҳои ҳаяҷонбахш эҷод шудааст. Нидо ва фарёди ҷисми зиндаи писар бо рӯҳи падар - монологҳо, эссеҳо ва хитобаҳои аллома Чингиз Айтматовро дар “Ниҳолаки рӯймолсурхаки ман” ва “Алвидоъ, Гулсарӣ” ёдрас мекунад. Маҳорати бузурги публисист ва адиб Шариф Ҳамдампур дар он аст, ки ӯ дар романҳои мустанади “Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд”, “Тоҷикон дар суҳбати Сталин бо Ғафуров”, “Алифбои гумшуда”, “Чунин гуфт...”, “Президент. Тафсилоти як сафари пурхатар”, “Агар...” услуби маъмули тарҷумаиҳолнависию шарҳсозиро моҳирона ва навоварона истифода мекунад. Ин китоб бозёфте дар даҳсолаҳои ахири публисистикаи Тоҷикистон мебошад. Бояд аз рӯйи равон, симо ва далелҳои зиндагии Аҳмад Бобоқулов, Шарофиддин Сайфиддинов, Саид Ҳамроев, Фаттоҳ Одинаев мучассамаҳои миллии санъати мусиқии симфонӣ офарид.

Иқдоми “Ҳаёти Одамони Ҷиддӣ” (ҲОН), ки дар забони гуфтугӯӣ бо номи зиндагии одамони маъруф машҳур аст, як силсила китобҳои бадеӣ ва тарҷумаҳолӣ буда, барои доираи хонандагони оммавӣ пешбинӣ шудаанд. Ин иқдом бори аввал дар солҳои 1890-1924 аз ҷониби нашриёти Ф. Ф. Павленков бо ҳамин ном таъсис дода шуд. Танҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ Максим Горкий онро идома дода, дар рушди ҷаҳонбинии қишри миёнаи омма саҳми бузург гузошт. Он чӣ имрӯз барои мо зарур аст, бояд иқдоми Шариф Ҳамдампур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, тавассути фармоишҳои иҷтимоӣ нашриёти “Тоҷикистон” ба иҷрои он муваззаф гардад. Ва силсилаи китобҳо дар бораи Қаҳрамонони Тоҷикистон бояд дар ҳамин нашриёт интишор гардад.

Боз аз як паҳлуи дастоварди эҷодии Шарифҷон Ҳамдампур набояд саҳлангорона гузарем. Таронаҳои алоҳидаи китоб, мисли “Баъзан эҳсос мекунам, ки ин зарбҳо на танҳо вақт, балки набзи зиндагиро низ чен мекунанд... Ҳар зарб як ёд, як лаҳза, як нафас аз рӯзҳоест, ки бо орзу ва меҳр пур буд” фалсафаи зиндагисози замон мебошанд. “Оҳангсоз аз ҳама чиз бештар ба амволи ғайриманқул ниёз дорад. Пианино дар дохили деворҳо”. Одамоне ҳастанд, ки мусиқиро мефаҳманд, аммо онро дӯст намедоранд - инҳо оҳангсозанд. Одамоне ҳастанд, ки мусиқиро намефаҳманд, аммо онро дӯст медоранд. Ва боз садҳо суханони болдор, ки ба қимати як роман арзиш доранд, фаровонанд.

Дар бораи китоби хуб шарҳ навиштан басо мушкил аст. Бахусус, агар адиб аз хонанда даҳҳо зина болотар бошад. Касе, ки оромии асаб, лаззати дунёбезорӣ ва боварӣ ба фардоро хоҳад, роман-новеллаи “Агар...”-ро мутолиа кунад.

Наҷмиддин Шоҳин
ПӮЛОДӢ,
адиб

ЯК «ДУРӮҒ»-И АҶИБИ УСТОД АЙНӢ

Ба ёди Лутфия Айнӣ

Ҳама медонанд, ки устод Садриддин Айнӣ пас аз инқилоби Бухоро андак «хотирҷамъ шуда ва дар умри худ якум бор (дар моҳи октябри соли 1920) дар Самарқанд хонадор шуда, дар он ҷо ҷойи истиқомати доимии худро ташкил дода»-анд. Ҳамсарашон Салоҳат хоҳари адиб ва равшангари ҷадиди тоҷик Вадуд Маҳмудист. Фарзандони Садриддину Салоҳат - Холида (1923), Камол (15-уми майи соли 1928) ва Лутфия (13-уми майи соли 1934) дар ин шаҳр ба дунё омадаанд.





Лутфия, ки устод Лоҳутӣ дар як мактубаш ба устод Айнӣ ӯро «латифаи Лутфия» таъбир карда, фарзанди хурдист ва пешаи ин духтар санъатшиносӣ буд ва аввалин манбаи ошноӣ дар бораи хислатҳои бачагонаи ӯ номаҳои устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ аст, ки он ҷо баробари садҳо рӯйдоди ҳаёт ва қазияҳои муҳими адабиёт аз муҳити хонаводагии устод Айнӣ низ матлабҳои ҷолибе нуҳуфтаанд. Дар ин мактубҳо муҳаббату ихлоси саршори фарзандони устод Айнӣ ба устод Лоҳутӣ ҳам равшан ҳувайдост. Аз ҷумла, хонандагон аз номаҳои ин ду бузургвор дар бораи дунёи кӯдакиву таҳсил ва ҳирси омӯзандагии Лутфия ва муҳаббаташ ба китобу китобхонӣ низ чанд матлаби хуберо дармеёбанд. Дар номаҳои устод Айнӣ мо ба симои Лутфияе бармехӯрем, ки «ҳанӯз ба синни мактабӣ нарасида, лекин аз қаламу коғаз ҷудо нест, мундариҷаҳои баъзе ҳикояҳоеро, ки бародару хоҳараш мехонанд, аз бар кардааст... нақл ҳам мекунад», «вай ҳам мехонад ва ҳаргиз қаламу дафтарро аз даст намегузорад ва «менависад».

Дар як номаи устод Айнӣ ҷолибтарин лаҳза аз ҳаёти духтарчаи пурэҳсос базавқ тасвир шудааст: «Дирӯз як воқеаи аҷоиб шуд,- менависанд устод Айнӣ ба устод Лоҳутӣ.- Бояд дар хотир дошта бошед, ки шумо соли гузашта аз Қрим ба номи Холида як мактуб навишта, ба вай «Ёри мастчоҳӣ»-ро фиристода будед. Вақте ки ман он мактубро хондам, номи Лутфияро ҳам ҳамроҳ карда будам, табъи ӯ ҳам баробари Холида ва Камол хурсанд шуда буд. Дирӯз, 16-уми январ холабачаи инҳо, ки саводи арабӣ ҳам дорад, ин хатро аз даруни чизҳои Холида гирифта хондааст, Лутфия шунидааст. Пеши ман омад. Дар ҳолате, ки дар чашмаш об чарх мезад ва мактуб ҳам дар дасташ буд, пурсид: Ин хати амаки Лоҳутӣ аст?

Аз дасташ гирифта дидам ва ҷавоб додам:

- Ҳо, мактуби амаки Лоҳутӣ аст.

Порсол шумо дар вақти хондanатон ин хатро номи маро ҳам хонда будед, ҳоло Мирзо «номи ту ин ҷо нест» мегӯяд.

- Номат ҳаст гуфтам ва ба тарзе, ки ба ӯ нафаҳмонам, бо қалами худ номи ӯро ҳам навистам.

- Канӣ, кӯҷост? Нишон диҳед.

Ман он навиштаи худро нишон дода, лекин қариб буд, ки «обдузд афтам», зеро ранги сиёҳии шумо сабз ва аз ман бунафш буд. Эътироз кард:

- Чаро ҷойҳои дигари хат зангор аст ва азони номи ман бунафш?

- Номи туро бо сиёҳии бунафш, ки хеле аълост, навиштаанд.

Ба ин ҷавоби ман он қадар қаноат накарданаш аз чеҳрааш равшан буд, бо вучуди ин хатро аз дасти ман пас гирифта:

- Ҳоло дурӯғи Мирзоро ба рӯяш мезанам!,- гӯён ба хонаи худҳошон давид.

Охир, ин соли панҷумашро пур карда, аз соли шашум ба моҳи нуҳум қадам монд, бисёр чизҳоро мефаҳмад».

Ин «дурӯғ»-и устод Айнӣ хеле ҷолиб баромадааст.

Дар як номаи дигар устод Айнӣ тасвире доранд, ки «Лутфияча хониши Интернасионалро машқ карда истодааст». Ин гимни байналмилалии халқҳои ҷаҳон аст.

Дар як номаи устод Айнӣ ба писарашон Камол боз санади ҷолиби дигаре аз арабихонии Лутфия дармеёбем: «Писарам, хушбахтона, номаи худатро ба форсӣ навиштӣ, ба хати арабӣ навиштӣ... Арабии ту аз арабии Лутфия хонотару беҳтар аст ва ин муваффақияти калон аст. Арабӣ навиштани ту боз аз ин ҷиҳат маро хурсанд кард, ки 28-уми уктубир Лутфия бо ҳаммактабҳои худаш барои пахтачинӣ рафта буд. (Он вақт иҷборӣ буд ин корҳо). Агар хат бо хати арабӣ намебуд, то омадани ӯ нохонда мемонд».

Маълум мешавад, ки мактубҳои арабиро худи устод Айнӣ мехондаанд ва дар хондани мактуб ба расмулхати русӣ ба падар Лутфия ёрӣ медодааст.


Лутфия дар факултети санъатшиносии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов таҳсил карда, баъдан умре дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддини Беҳзод ба санъатшиносӣ шуғл варзидааст. Номбурда дар бораи ҳунари классикии меъморӣ, суратгарии миниатюрӣ ва ҳунармандии Шарқи Миёна, санъати муосири Тоҷикистон ва чеҳраҳои санъатшиносӣ пажӯҳиши зиёде бурда, чандин асари илмӣ таълиф карда, ки «Искусство Таджикской ССР» (Ленинград, 1972), «Искусство Средней Азии эпохи Авиценны» (Душанбе, 1980), «Мастер книжной графики» (дар бораи К. Туренко, Душанбе, 1985), «Изобразительное искусство Таджикской ССР» (Москва, 1986), «Сабзали Шарипов» (Душанбе, 1998), «Художники Турции и Таджикистана» (Душанбе-Анқара, 2009) аз зумраи онҳоянд. Баъзе аз асарҳояш ба бисёр забонҳои хориҷӣ нашр шудаанд. Китоби албомвораш бо номи «В защиту радуги» бо ҳамкории Порфирий Фалбов, Антон Успенский ва Мария Филатова дар Маскав (Осорхонаи давлатии Шарқ, 2017) ба табъ расидааст. Ин донишманди маъруфи арсаи санъатшиносӣ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Лутфия Айнӣ ҳамагӣ 81 сол умр дида, 7-уми майи соли 2015 даргузашта ва дар оромгоҳи Сари Осиёи Душанбе дафн шудааст. Лутфия Айнӣ як духтар дорад, номаш Рахшона.

Ёдаш ба хайр!

Субҳони АЪЗАМЗОД,
адабиётшинос

Ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе,
Ба Раёсати БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе

САБУКӢ ДАР ҶАРИМА



Муҳтарам роҳбарият, ба шумо бо эҳтиром мурочиат мекунам ва орзу дорам, ки ин хоҳиши ман ба инобат гирифта мешавад. Ман як ронандаи одӣ ҳастам, вале тақрибаи бисёрсола дар роҳҳои шаҳри Душанбе дорам. Ҳар рӯз ба роҳ мебароям ва вазъи ҳаракати нақлиётро бо чашми худам мебинам. Барои ҳамин хостам чанд фикру пешниҳодамро гӯям.

Дар вақтҳои охир камераҳои зиёде дар шаҳр насб карда шудаанд, ки асосан сабти онҳо ронандаҳоро ҷарима мебанданд. Хусусан ҷарима бастан барои пахши хат дар байни ронандаҳо саволҳои зиёд ба миён овардааст. Албатта, ҳама мефаҳмем, ки бехатарии роҳ муҳим аст. Лекин мехостем равшан шавад, ки ин тадбирҳо бештар барои бехтар шудани ҳаракат аст ё ҳанӯз ҷой барои такмил дорад?

Имрӯз қариб дар ҳама гӯшаҳои Душанбе роҳҳоро таъмир мекунанд. Роҳҳо дар баъзе ҷойҳо танг шудаанд, хатҳои роҳ на ҳама вақт дида мешаванд ё тамоман нестанд. Дар чунин ҳолат ронанда ҳамеша наметавонад хатро дақиқ риоя кунад. Дар бисёр кишварҳо, мисли Олмон, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ пеш аз ҷорӣ кардани чунин ҷаримаҳо аввал роҳҳоро пурра дуруст мекунанд: хатҳо равшан мешаванд, аломатҳо насб мешаванд. Дар вақти таъмир бошад, ба ронандагон сабукиҳои зиёд медиҳанд, ё умуман ҷаримаро тадбиқ намекунанд.

Бо ҳамин, чанд пешниҳоди одӣ дорам:

1. Хатҳои роҳ ва аломатгузориҳо дар тамоми шаҳр ба ҳолати равшан ва фаҳмо бошанд;

2. Дар вақти таъмири роҳҳо аввал огоҳӣ диҳанд, ҷарима тадбиқ нашавад;

3. Корҳои фаҳмонидадиҳӣ миёни ронандаҳо васеъ роҳандозӣ шавад;

4. Ҷаримаҳоро бо назардошти шароити воқеии роҳҳо баррасӣ кунанд.

Фикр мекунам, агар шароиту талабот яксон бошанд, ҳам ронандагон қоидаҳоро бештар риоя мекунанд ва ҳам натиҷаи хуб ба даст меояд.

Бо эҳтиром,
Нурулло АҲМАДЗОДА,
ронандаи соҳибтақриба,
сокини шаҳри Душанбе



МАСЪАЛА ТАНҲО ТЕЛЕФОН НЕСТ!

СОЛҲОИ ОХИР МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ РАФТОРИ ҶАВОНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА ЯКЕ АЗ МАВЗУҲОИ БАҲСТАЛАБИ ҶОМЕА ТАБДИЛ ЁФТААСТ. БО РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ГУСТАРИШИ ИСТИФОДАИ ИНТЕРНЕТ, ТАРЗИ МУНОСИБАТ БА ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ НИЗ ДИГАРГУН ШУДААСТ. АММО БАЪЗЕ МАҲДУДИЯТҲО ВА ИҶОЗАТҲОЕ, КИ ИМРӮЗ АМАЛ МЕКУНАНД, САВОЛҲОИ ЗИЁДЕРО БА МИЁН МЕОРАНД.

Имрӯз қариб ҳар як хонандаи мактаб бо худ телефон ба дарс мебарад. Телефон дигар танҳо воситаи зангзанӣ нест. Он ба шабакаи пурраи интернетӣ табдил ёфтааст. Тавассути он метавон акс гирифт, навор сабт кард, ба шабакаҳои иҷтимоӣ ворид шуд ва ҳатто бо истифода аз барномаҳои зеҳни сунъӣ муҳтавои сохта омода намуд.

Коршиносон низ бар он назаранд, ки истифодаи бемаҳдуди телефон дар муҳити таълимӣ метавонад ба сатҳи донишандӯзӣ, интизом ва ҳатто ахлоқи ҷавонон таъсири манфӣ расонад.

Мутаассифона, имрӯзҳо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки баъзе хонандагон дар вақти дарс ҳамсинфон ё муҳити синфро бо телефон наворбардорӣ намуда, онро бо суханони таҳқиромез дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мекунанд. Дар натиҷа байни хонандагон, волидон ва ҳатто омӯзгорон нофаҳмӣ ва баҳсҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки масъала танҳо доштани телефон нест, балки тарзи истифода ва назорати он мебошад. Дар баъзе мавридҳо чунин наворҳо боиси паст шудани обрӯи хонандагон, сар задани низоъ байни оилаҳо ва халалдор шудани муҳити солими таълим мегарданд.

Аммо вақте чунин ҳодисаҳо рух медиҳанд, аксаран тамоми масъулият ба зиммаи омӯзгор гузошта мешавад. Аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки ҳам таълим диҳад, ҳам тарбия кунад ва ҳам назорати пурраи хонандагонро таъмин намояд. Вале саволе ба миён меояд: вақте воситаи асосии парешонсозандаи диққат - телефон озодона ба синфхона ворид мешавад, оё танҳо омӯзгор бояд ҷавобгар бошад?

Бешубҳа, волидон, ҷомеа ва худи хонандагон низ дар ин масъала масъулияти ҷиддӣ доранд. Тарбияи фарзанд танҳо вазифаи омӯзгор нест. Муҳити оила, муносибати ҷомеа ва фарҳанги истифодаи технология низ дар ташаккули ахлоқи ҷавонон нақши муҳим мебозанд.

Аз ҷониби дигар, донишҷӯёни донишгоҳҳо ҷавононе мебошанд, ки аксаран аз 18-сола боло буда, қонунан соҳиби ҳуқуқи ронандагӣ ҳастанд. Бисёре аз онҳо бо риояи қоидаҳои роҳ ва фарҳанги ҷамъиятӣ мехоҳанд бо автомошини шахсии худ ба донишгоҳ раванд. Аммо дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои воридшавӣ ё истифодаи автомошин маҳдудиятҳо ҷорӣ шудаанд.

Албатта, ҳар гуна восита - хоҳ телефон бошад, хоҳ автомошин - дар сурати истифодаи нодуруст метавонад мушкил эҷод кунад. Автомошин метавонад сабаби серодамӣ ё ҳатто садама гардад, телефон бошад, метавонад ба воситаи паҳнсозии муҳтавои ғайриахлоқӣ ва косташавии сатҳи таълим табдил ёбад. Аз ҳамин лиҳоз, масъала бояд на танҳо бо манъ кардан, балки бо тарбияи фарҳанги истифодаи дурусти техника ҳал карда шавад.

Ҷомеаи имрӯз ба ҷавонони босавод, бофарҳанг ва масъулиятшинос ниёз дорад. Дар асри интернет ва зеҳни сунъӣ танҳо ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо роҳи ҳалли масъала нест. Муҳим он аст, ки ҷавонон истифодаи дурусти технология, эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон ва масъулияти шаҳрвандиро омӯзанд.

Шояд вақти он расидааст, ки мо ба ҷойи баҳсҳои танҳо манъ ё иҷозат бештар ба масъалаи маърифати рақамӣ, фарҳанги истифодаи техника ва тарбияи ахлоқии ҷавонон диққат диҳем. Зеро ояндаи ҷомеа на танҳо аз қоидаҳо, балки аз сатҳи шуур ва фарҳанги насли нав вобаста аст.

Эҳром РАҶАБОВ,
узви ИЖТ, деҳаи Қалъаи Баланд, шаҳри Истаравшан

Ба таваҷҷуҳи Агентии ҳифзи иҷтимоӣ
ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КУМАКПУЛӢ БАРОИ ДАФНРО КӢ МЕДИҲАД?

Мо - гирандагони нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки тавассути мақомоти дахлдор оид ба имтиёзи пешбининамудаи Қоидаҳои таъминоти нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2008, №392 тасдиқ шудааст, рӯшанӣ андозед.



Зеро қоидаҳои мазкур баъди фавти нафақагир пардохти кумакпулӣ барои дафнро пешбинӣ менамоянд. Аммо идораҳои шаҳру ноҳиявии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохти чунин кумакпулиро бе ягон ҳуҷҷати расман тасдиққунанда рад мекунанд.

Гӯё роҳбарияти мақомоти мазкур бо таври шифоҳӣ супориш додаанд, ки агар оилаи нафақагири фавтида ҳамчун оилаи камбизоат ба қайд гирифта нашуда бошад, пас ба оилаи ӯ чунин дафнпулӣ дода нашавад.

Маълум, ки оилаи гирандагони нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қайди оилаҳои камбизоат буда наметавонанд. Аз дигар ҷиҳат, оё роҳбарони алоҳида метавонанд қоидаи ҳуҷҷати тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарқардаро худсарона тағйир диҳанд?

Дар ин бора вақте бо воситаи телефон аз корманди масъули Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонов Қудратулло посух пурсидем, дар ҷавоб тавсия доданд, ки ба Суди шаҳри Хуҷанд мурочиат кунем.

Аз номи 289 нафар гирандагони нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Суғд ин мурочиатро тариқи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” мепурсем.

Исрофил БОБОМАЛИКОВ,
раиси комиссияи доимии Шурои собиқадорони ҷангу меҳнати вилояти Суғд оид ба ҳифзи иҷтимоии собиқадорон

КУМАКИ УМАР КРЕМЛЁВ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ҶБВ

Дар арафаи таҷлили 81-солагии Ғалаба соҳибкори тоҷиктабори рус Умар Кремлёв тавассути фонди «Русский крест» ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Русия ба маблағи 1 миллион рубли русӣ кумак кард.

Дар доираи ин иқдом ӯ ба иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон Бозор Нағзибеков низ 300 ҳазор рубли русӣ ирсол кардааст. Навори суҳбати телефонии ӯ бо Нағзибеков дар шабакаҳои иҷтимоии Кремлёв нашр шудааст.

Ҳамчунин, муштзани маъруф Мурат Гассиев аз номи Умар Кремлёв ба 12 ҷанговар дар Осетия маблағи 1-миллионрублӣ тақдим кардааст. Навори дар дигар манотиқи Русия аз номи Кремлёв ба иштирокчиёни ҶБВ додани кумакпулиҳо нашр шудааст.




Ин ташаббуси Кремлёв ҳамчун яке аз барномаҳои густурдаи хайриявӣ барои қадрдонии иштирокчиёни ҷанг арзёбӣ мешавад. Ҳадафи он на танҳо расонидани кумаки моддӣ, балки изҳори эҳтиром ва ғамхорӣ нисбат ба насли пирӯзманд мебошад, ки барои озодӣ ва сулҳ ҷоннисорӣ кардаанд.

Худи Умар Кремлёв моҳи майи соли 2026 изҳор доштааст, ки ният дорад ҳар як иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватаниро дар Русия ва кишварҳои собиқ Шуравӣ табрик ва қадрдонӣ намояд. Ба андешаи ӯ, иштирокчиёни ҷанг рамзи матонат, вахдат ва фидокорӣ мебошанд ва ҷомеа набояд хизматҳои онҳоро фаромӯш кунад. Умар Кремлёв яке аз чеҳраҳои маъруфи соҳаи варзиш аст. Ӯ роҳбари International Boxing Association буда, инчунин дар рушди бокси касбӣ ва ҳаваскор дар Русия саҳм мегузорад. Ӯ зодаи шаҳри Ҳисори Тоҷикистон аст ва бо иқдомҳои хайрхоҳонаи хеш дар ҷаҳон шинохта шудааст.

МАҲБУБИЯТ ПАЙДО КАРДАН САМАРАИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ АСТ

Тирамоҳи соли гузаштаву зимистони имсол барои кормандони IRS чун ҳарвақта марҳилаи нисбатан душвор буд. Зеро дар ин мавсим таваҷҷуҳ ба фаъолияти он хоса буда, масъулинаш ба маънои том зери заррабини ҷомеа қарор мегиранд. Хурсандиовар аст, ки ба шарофати масъулиятшиносӣ ва дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ шудани фаъолият ин навбат низ кормандони ширкати мавриди назар аз имтиҳони ҷиддии табиат бо сарбаландӣ гузаштанд.



Аз ҷониби дигар, дар ин айём номи IRS ба шарофати масъулиятшиносии роҳбарият ва кормандон вирди забонҳо буду мардум ба воситаи навору мақолаҳое, ки дар онҳо муносибат ба рисолат ва тадбирандешиҳо баҳри иҷрои уҳдадориҳо инъикос ва бозгӯй шудаанд, сари вақт аз ҳолати роҳи Душанбе - Чаноқ огоҳ шуданд. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки навору мақолаҳои мазкур қариб дар тамоми расонаҳо бознашр шуда, дар ин замина бори дигар собит гардид, ки маҳз садоқат ба пеша ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ омили асосии маҳбубият пайдо намудан миёни мардум маҳсуб мешавад. Тавассути наворҳои зикргардида, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ бениҳоят пурбинанда шуданд, шаҳрвандон ҳолати қариб зери тарма мондани роҳбари IRS ва ҳамроҳонашро диданд, ҳатто шабона қатъ нагардидани бартарфсозии тармаҳоро мушоҳида карданд, ба инсондӯстии роҳбарияти филиали ширкат дар мисоли тақсим намудани озуқа ба ронандагону мусофирон мутмаин шуданд, аҳсан гуфтанд, ки роҳбари он зимни бартарафсозии тармаҳо дар паҳлуи механизатор қарор дошта, ҳамчунин, барои аз иҳотаи барф раҳо намудани автомбилҳо саҳм мегузорад.

Аз ин лиҳоз, бо дарки масъулият метавон гуфт, ки аҳли IRS моҳияти рисолат, қолаби салоҳият ва доираи ваколати худро таври бояду шояд дарк карда, барои расидан ба ҳадафҳо азми қавӣ ва иродаи хастагинопазир доранд. Дар заминаи ин хислатҳои ҳамида дастовардҳои ширкати мазкур, ки нигоҳдории шоҳроҳи Душанбе - Чаноқро ба зимма дорад, тамоюли афзоишро касб намуда, назари мардум ба мавҷудияти он хеле мусбат гардид. Муҳим он аст, ки давоми 16 соли фаъолият мардум боварӣ ҳосил намуданд, ки пули барои истифодаи роҳ пардохтнамуда барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, бехтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад. Дар ин муддат собит шуд, ки пулакӣ кардани ин роҳ тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти ҳолати роҳи стратегии кишвар дахл дорад.

Маҳз ин омилҳо замина фароҳам оварданд, ки ширкати мазкур дар нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ комёб бошад ва дар ин замина мардум эътироф кардаанд:

- Шукр, ки дар симои IRS роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳбони боэътимод пайдо карда, аз харобӣ эмин мемонад;

- IRS бо масъулияттшиносии худ ба ронандагоне, ки дар масир зиёд ҳаракат мекунанд, моҳиятан як автомобили дигар туҳфа кардааст;

- Дар роҳ сари ҳар қадам бо кормандони IRS вомехӯрем ва бо чашми худ мебинӣ, ки чӣ қадар техникаҳои пуриқтидору ҳозиразамонро барои нигоҳдории шоҳроҳ ворид сохтаанд;

- Агар чанд соат интизори кушодани роҳ бошӣ, ҳатман дарк менамоӣ, ки ин ҳама зарур аст, маблағи пардохтмешуда барои нигоҳдории роҳ, тармиму покизагии он сарф мегардад;

- Вақти харобии ин роҳ, яъне то замони ба зиммаи IRS вогузор шудани нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ ҳангоми ҳаракат бо мушкили зиёд мувоҷеҳ мешудем;

- Агар пули таъмири воситаи нақлиётро бар асари харобии роҳ шуморем, нисбат ба маблағе, ки алҳол ба ширкат медиҳем, зиёдтар аст;

- Агар сарфи вақтро дар ин роҳи чун оина ба назар бигирем, хеле фоида ба даст овардем;

- Ҳукумат аз мо беҳтар медонад, ки чӣ бояд кард. Ҳар сол пайдо кардани чандин миллион доллар барои нигоҳдории ин роҳ осон нест;

- Агар нафъи 16-солаамонро аз ин роҳ, ки чунин ҳамвору озода менамояд, ҳисоб кунем, маблағи супоридаамон дар қиёс ҳеҷ арзише надорад;

- IRS бо масъулияттшиносии кормандонаш ба пайвандгари қалбҳо табдил ёфтааст;

- Дар шабҳои сербориш ва тармафароии зиёд ягона умед чароғҳои равшани техникаҳои пуриқтидори IRS буд;

- Талошу бедорхобии 24-соатаи кормандони ин ширкат инсонро водор месозад, то офарин гӯяд;

- Пулакӣ шудани роҳ роҳкироро на афзоиш, балки коҳиш дод. Бо роҳкирое, ки имрӯз ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сафар мекунед, пеш аз «пулакӣ» шудани роҳ сафар кардан ғайриимкон буд;

- Агар IRS намебуд, шоҳроҳи байналмилалии Душанбе - Чаноқ кайҳо хароб мегардид.

Бамаврид аст ёдовар шавем, ки ҳарчанд ба уҳдадориҳои IRS ворид нест, вале кормандон ва техникаҳои пуриқтидору махсусгардонидашудаи он мунтазам дар рафъи пайомадҳои офатҳои табиӣ, бунёди иншооти гуногун ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ мусоидат менамоянд. Ин иқдом дар заминаи равобити судманд бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои масири роҳи Душанбе - Чаноқ амалӣ гардида, чанде пеш аз ҷониби филиали Ширкат бо харҷи 496,4 тонна асфалт як қисми роҳи самти Айнӣ - Кӯҳистони Мастчоҳ таъмири куллӣ гардид. Лозим ба ёдоварист, ки нигоҳдории ин қитъаи роҳ ба зиммаи IRS вогузор набуда, амалӣ шудани ин ибтикор шаҳодати бетафовут набудани роҳбарияти он ба мушкилоти сокинони маҳаллӣ аст.

Тавре зикр шуд, дар мавсими сармо кормандони IRS шабонарӯзӣ роҳро бо маводи зиддилағжиш коркард, ҳазорҳо тармаро бетаъхир бартараф месозанд, автомобилҳои дар роҳ дармондаро ба макони амн интиқол медиҳанд, мусофиронро муваққатан дар хонаҳои устоҳои роҳ ҷойгир карда, ба ронандагону мусофирон ғизо тақсим мекунанд. Ҳамасола боришоти шадиди барф, тармафароӣ, лағжиши сангпораҳо, бориши пуршиддати борон сарбории кормандони филиали ширкатро дучанд намуда, онҳоро ба маънои томаш шабзиндадор мекунад. Арзандаи арҷ гузоштан аст, ки роҳбарияти филиали ширкат низ ин шабҳо дар паҳлуи кормандон қарор доштанд ва умури корҳоро зери назорати ҷиддӣ қарор медоданд.

Ҳамрадиф бо роҳандозии фаъолият дар сатҳи хуб ва сифати баланд аз ҷониби IRS ба масъалаи ободонӣ, ки дар навбати аввал ба таъмини бехатарии мусофирону ронандагон рабт дорад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Ин омил далели возеҳи он аст, ки роҳбарияти филиали Ширкат ба нигоҳдории роҳ бо дарки масъулият муносибат намуда, ҳаргиз бетафовутиро ихтиёр накардаанд. Ба хотири таъмини бехатарии ронандагону мусофирон бо ибтикори роҳбарияти IRS оғоз гардидани бунёду гузоштани деворҳои ҳимоявӣ идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб рафта, то ин замон дар масофаи 16000 метр чунин деворҳои ҳимоявӣ эъмор шудаанд. Қобили зикр аст, ки ҳангоми азнавсозии роҳи Душанбе - Чаноқ бунёди деворҳои ҳимоявӣ (парапет) дар лоиҳа набуд. Нуктаи муҳим он аст, ки ин иқдом аллакай ҷони як идда мусофиру ронандагони дар ин масир ҳаракаткунандаро аз марг наҷот дод. Ҷиҳати пешниҳоди иттилои саривақтӣ дар бораи ҳолати роҳ, инчунин дар доираи уҳдадории иҷтимоӣ филиали ширкат якҷо бо оператори алоқаи «Вавилон-Мобайл» хизматрасонии ройгони ирсоли паёмак - «IRS - роҳи бехатар»-ро роҳандозӣ намуд. Бо пайваст шудан ба ин хизматрасонӣ, ба ҳар як истифодабарандаи алоқаи мобилӣ сари вақт тариқи паёмак дар бораи вазъи роҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ дар ҳолати ба амал омадани хавфи тармафароӣ, шароити номусоиди обу ҳаво барои ҳаракати нақлиёт ва ё баста будани роҳ бо маълумоти дақиқ оид ба қитъаи роҳ иттилоъ расонида мешавад. Иқдоми мазкур пеш аз ҳама ба таъмини бехатарӣ дар шароити кӯҳистон барои истифодабарандагон тариқи иттилоотонии саривақтии онҳо равона карда шудааст.

Дар маҷмуъ, роҳбарияти IRS масъулияттшинос, кормандонаш соҳибкасбу захматпеша, пойгоҳи техникиаш пуркувват, фаъолияти корхонаҳои марбут ба он муназзам, равобит бо шарикон густурда ва дар ҷодаи рушд собитқадам аст.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

БЕМОРИҲОИ МОҲИ МАЙ



МОҲИ МАЙ НИЗ ФАРО РАСИД. ҲАВО АЛЛАКАЙ ГАРМ ШУДА, МЕВАҲОИ ПЕШПАЗАК ПУХТА МЕРАСАНД, ТАБИАТИ ДИЁРАМОН БОЗ ҲАМ ЗЕБОТАР ГАШТА, ШАВҚУ ЗАВҚИ БА САЙРУ ТАМОШО БАРОМАДАН ДАР ДИЛ ҶӮШ МЕЗАНАД, ВАЛЕ БАЪЗЕ БЕМОРИҲОЕ ҲАСТАНД, КИ МЕТАВОНАНД МАҲЗ ДАР ҲАМИН ДАВРА ЯКБОРА АВҶ ГИРИФТА, ҲОЛИ КАСРО ТАБОҲ СОЗАНД.

Мехоҳед донед, ки кадом бемориҳо айши касро дар моҳи май талх гардонида метавонанд ва барои пешгириашон чӣ бояд кард? Пас, мутаваҷҷеҳ бошед!

3 ДУШМАНИ САЛОМАТӢ ДАР МОҲИ МАЙ

Иди Ғалаба, Рӯзи ҷавонон ва дигар идҳоро дар моҳи май бо тани сиҳат ва табъи болида гузаронидан хоҳед, ҳатман 3 гурӯҳи бемориҳоеро, ки бештар дар ин моҳ хуруҷ мекунанд, пешгирӣ намоед. Душманони асосии саломатии инсон дар моҳи май инҳоянд:

1. Иллатҳои меъдаю рӯда;

2. Бемориҳои дилу рагҳо;

3. Захму ҷароҳат бардоштан.

БАРОИ ПЕШГИРӢ ЧӢ БОЯД КАРД?

Шахсоне, ки ба бемориҳои системаи узвҳои ҳозима, аз ҷумла илтиҳоби меъда - гастрит, захми меъда, санги талхадон ё иллатҳои ғадуди зери меъда гирифторанд, бояд дар ин давра ба саломатии худ диққати ҷиддӣ дода, аз истеъмоли хӯрокҳои сахту бирёнӣ ва серравған худдорӣ намоянд. Махсусан хӯрдани гӯшти бирёншуда бо картошкабирён ва макарон зарарнок буда, метавонад боиси авҷ гирифтани дарди меъда ё талхадон гардад.

Ногуфта намонад, ки нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ низ дар моҳи май метавонад боиси хуруҷ намудани бемориҳои узвҳои ҳозима гардад.

ҲАНГОМИ КОРҲОИ ДЕҲҚОНӢ ЭҲТИЁТ БОШЕД

Моҳи май мавсими корҳои полезӣ мебошад ва аксар вақт маҳз ҳангоми дар замин кор кардан фишори хуни одам баланд ё паст мешавад. Якбора баланд шудани фишор метавонад боиси сар задани ҳодисаҳои нохуш, аз қабили гирифтор шудан ба инфаркт ё инсулт гардад, бинобар ин, эҳтиёт шудан шарт ва зарур аст. Ин махсусан ба шахсоне дахл дорад, ки дар ҳаёти рӯзмарра бо корҳои идоравӣ машғуланд ва зери кондитсионер, дар ҳавои салқин нишаста, кор мекунанд. Маълулан, вақте чунин одамони аз лиҳози ҷисмонӣ нозук бо корҳои деҳқонӣ машғул шуда, зери офтоби сӯзон меҳнат мекунанд, якбора ҳолашон бад шуда, сар чарх мезанад ё дилашон беҳузур шуда, таппиши дил зиёд мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо ҳатман фишори хунро санҷида, чорабиниҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Аксари одамон дар рӯзҳои гармо истифода бурдани малҳами аз офтоб муҳофизаткунандаро фаромӯш мекунанд, ки боиси сӯхтани пӯсти рӯй ва бадан гашта метавонад. Хоҳед, ки зебою ҷавон монед, дар моҳи май ҳатман аз малҳами аз офтоб муҳофизаткунанда истифода баред.

ҶАРОҲАТ БАРДОШТЕД, ЧӢ БОЯД КАРД?

Дар моҳи май ҳодисаҳои ҷароҳат бардоштани одамон низ якбора зиёд мешаванд. Наврасон ва ҷавонон бештар ҳангоми велосипедронӣ ё рондани мотороллер афтода, пой ё дасташонро захмӣ месозанд, бинобар ин, волидон бояд фарзандони худро беназорат нагузоранд. Дар сурати афтодан ё ҷароҳат бардоштан ҳатман ба табибони шикастабанд мурочиат намуда, мавзеи осебдидаро аз ташхиси рентгенӣ гузаронидан лозим аст. Агар устухон шикаста ё осеб дида бошад, гаҷбандӣ мекунанд.

Одамони нисбатан калонсол ҳангоми иҷрои корҳои гуногуни сохтмонӣ ё кишоварзию боғдорӣ бо асбобҳои баркӣ бештар ҷароҳат мебардоранд. Аз ин рӯ, ҳангоми кор бо дилхоҳ асбоби баркӣ эҳтиёт намудан лозим аст, чунки суръати кори асбобҳои баркӣ бениҳоят баланд аст ва ҳатто як лаҳзаи бепарвоӣ метавонад боиси сар задани ягон фалокат гардад.

Албатта одамизод аз хатарҳо ба пуррагӣ эмин монда наметавонад, мабодо аз беэҳтиётӣ худи шумо ё фарзандонатон захмӣ гашта бошед, фавран ҷойи захмро бо спирт, антисептик, йод ва дигар маводҳое, ки барои тоза кардани захмҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, пок кунед. Дар сурати сар задани хунравӣ ҷойи захмро маҳкам баста, фавран ба духтур мурочиат намудан лозим аст.

Ин буд чанд тавсияи муҳим дар боби бемориҳои маъмулии моҳи май. Саломатии худ ва наздиконатонро эҳтиёт намуда, фасли баҳорро бо табъи болида ва вақти хуш гузаронед!

Тақвими ситорашиносӣ



Ҳамал
21.03 - 20.04

Эҳтимол дар ҷойи кор бо роҳбарият нофаҳмӣ ё муноқиша сар занад, вале дар хона фазои орому хуш ҳукмфармо мешавад. Онҳое, ки дар чустучӯи бахтанд, метавонанд гирифтори ишқу муҳаббат гарданд. Аммо рашку гумонбарӣ муносибатҳоро ноором месозад.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта барои истироҳат вақти зиёд намеёбед, кору ташвишҳо бештар мешаванд. Дар масъалаҳои молиявӣ бодиққат бошед, эҳтимоли фиреб хӯрдан вуҷуд дорад. Дар муҳити хона низ баъзе нофаҳмиҳо сар мезананд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Бад шудани вазъи саломатӣ метавонад баъзе нақшаҳоятонро вайрон кунад. Аз ҳамин сабаб нисбати худ беэътино набошед ва дар ҳолати зарурӣ табобатро ба таъхир нагузоред. Ҳафта барои сафару истироҳат, махсусан сафарҳои ғайрикорӣ хеле мусоид аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар оилаатон фазои оромиву ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо мегардад ва ин ба рӯҳияи шумо таъсири хуб мерасонад. Айни замон аз хариди калон ё гирифтани мол бо насия худдорӣ намоед. Беҳтараш маблағ ҷамъ кунед ва баъдтар қарор қабул намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта зуд асабонӣ мешавед ва ҳатто сухани хурд метавонад табъатонро хира гардонад. Асабоният сабаби муноқиша бо наздикон мешавад, бинобар ин беҳтараш худро идора кунед. Агар эҳсос намоед, ки қаҳр доред, каме танҳо мондан бароятон фоида меорад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Баъзе мушкилоти оилавӣ табъатонро нохуш месозанд. Барои пешгирӣ аз нофаҳмиҳои бештар, баъзан гузашт карданро омӯзед. Агар хоҳед, ки намуди зоҳирии худро куллан дигар кунед, беҳтараш ҳоло шитоб накунед. Ташхису табобати бемориҳоро ба таъхир нагузоред.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта худро хаставу бемадор эҳсос мекунед, зеро баъзе кӯшишҳоятон натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Харочоти ногаҳонӣ метавонад шуморо ба ташвиш орад. Аммо рӯҳафтода нашавед, рӯзҳои наздик имкони беҳтар шудани вазъи молиявӣ пайдо мешавад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Шуморо ҳафтаи пур аз эҳсосоти зебо ва муҳаббат интизор аст. Дар муносибат бо шахси дӯстдошта ҳамдигарфаҳмӣ бештар мешавад ва худро хушбахт эҳсос мекунед. Нофаҳмиҳои пешина тадричан аз байн мераванд. Нафарони муҷаррад бахти худро пайдо мекунанд.



Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи аввали ҳафта дар баъзе масъалаҳо ба дастгирии дӯстону наздикон ниёз пайдо мекунед. Барои ҳар неъмату лаҳзаҳои хуб аз зиндагӣ сипосгузор бошед. Нерӯи кориатон хеле зиёд аст ва метавонед корҳои муҳимро пеш баред.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин рӯзҳо эҳтимол зери таъсири фикру гуфтаҳои дигарон қарор гиред. Ба ҳар кас зуд бовар накунед, то фиреб нахӯред. Дар ҷойи кор ғайбату иғвогарӣ сар зада метавонад, бинобар ин, худро ором нигоҳ доред. Аз шахсони бадхоҳ дурӣ ҷӯед.



Далв
21.01 - 19.02

Айни замон диққати асосии шумо бояд ба кор ва нақшаҳои оянда равона шавад. Агар босабру меҳнатдӯст бошед, ҳам фоидаи моддӣ ва ҳам қаноатмандии маънавӣ ба даст меоред. Барои кӯчидан ё дигар кардани ҷойи мебел ҳафта мувофиқ нест.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта бештар нерӯятонро барои дастгирии наздикон сарф мекунед, зеро нисбати мушкилиҳои онҳо бетараф монда наметавонед. Дар рӯзҳои истироҳат кӯшиш кунед бештар дар оғӯши табиат вақт гузаронед, то хастагӣ аз танатон дур шавад.

ҶАШНИ БОШУКӮҲИ АДИБ

НОМИ ИСМОИЛ ЗАРИФӢ АЗ СОЛҲОИ 80-УМИ САДАИ ГУЗАШТА ДАР БАЙНИ АҲЛИ ИЛМУ АДАБ ДАР ИБТИДО ҲАМЧУН ОМӮЗГОРИ ЭҶОДКОР МАЪЛУМУ МАШҲУР ГАРДИДА, МИНБАЪД Ӯ ҲАМЧУН ШОИР ВА ДОНИШМАНДИ АДАБИЁТ, УСТОДИ АДИБОНИ ҶАВОН ВА НОШИР ШИНОХТА ШУДА, КИТОБҲОЯШ БАЙНИ ХОНАНДАГОН ЗУД ПАҲН ШУДАНД.





Исмоил Зарифӣ муаллифи беш аз 40 китоб аст. Ӯ соли 2016 барои мунтахаби панҷҷилдаи “Лаҳзае то ҷовидон” Барандаи ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ гардидааст. Девонҳои Саққои Бухоройӣ, Қудсии Машҳадӣ, Урфии Шерозӣ, Бӯалӣ Қаландар, Иброҳим Дада Шоҳидӣ, Муҳйии Хуқандӣ, Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Ҳушанги Соя ва ашъори шоирони зиёдеро баргардон ва таҳияву нашр кардааст. Ӯ дар тарбия намудани адибони ҷавон ва табъу нашри осори адибони муосиру мумтози тоҷик, аз ҷумла адибони тоҷики Ӯзбекистон Асад Гулзода ва Ҳадяи Бухоройӣ, таҳрири китоби шеърии “Мо ду шохи як дарахт” хизмати арзанда дорад.

Ба муносибати 70-солагии ин устоди арҷманди эҷодкорони ҷавон, шоири хушгуфтор, донишманд, рӯзноманигори пухтакор дар Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоеви шаҳри Панҷакент базми хосаи шеъру тарона баргузор шуд.

Рости гап, ман дар давоми беш аз 85 соли пурбаракати умре, ки Худои таъоло бароям ато фармудааст, дар садҳо ҷашнвораҳои адибону олимон ва аҳли фарҳангу маърифат иштирок карда, то ҳол чунин ҷашни пуршукӯҳро надидаам.

Толор пури одам, ба як маънӣ, ҷойи сӯзан задан набуд. Дар он ҷой мухлисони эҷоди бадеӣ, шогирдони Исмоил Зарифӣ, мардуми шеърдӯсти Панҷакенту атрофи он, меҳмонон - дӯстони Зарифӣ аз Душанбею Самарқанду Хуҷанд ва шаҳрҳои дигар ташриф оварда буданд.

Ин ҷашнвора бо сарпарастии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии шаҳри Панҷакент, махсусан раиси шаҳр, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Холиқзода баргузор гардид. Раис маҳфилро ифтитоҳ намуда, аз сар то охири чорабинӣ, ки беш аз се соат давом кард, толори пуродамро тарк накард, ки ин баёнгари эҳтиром ба аҳли адабу фарҳанг аст. Холиқзода дар баромади пурмуҳтавои хеш хидматҳои Исмоил Зарифиро дар рушди маорифу фарҳанг ва адабиёти Панҷакент ҳамчун як маърифатпарвар, омӯзгори соҳибтаҷриба, шоир ва рӯзноманигор тавсиф карда, ба шарафи 70-солагии зодрӯзаш нашр шудани ду китоби шеърҳои ӯ - “Сарои бегазанд” (496 сах.) ва “Гулбонги ғазал” (336 сах.)-ро аз ҳисоби МИҲД-и шаҳр ва соҳибкори олиҳиммат хотирнишон кард. Зикр кардан бамаврид аст, ки ин китобҳо ба иштирокчиёни чорабинӣ тақдим гардиданд.

Ҷиҳати дигари ибратбахш ва хотирмони ин чорабинӣ дар танзими он буд, ки моро ба ҳайрат оварад.

Чорабинии ҷашнвора аз авval то ба охир бо шеърҳои худи Исмоил Зарифӣ зиннат ёфта, суруду тарона, раксу гуфторҳо хеле мувофиқ пайи ҳам васл шуда, дар экранҳо лаҳзаҳо аз рӯзгори шоир ва мувофиқ ба матни шеъру сурудҳо намои Саразму ёдгориҳои таърихӣ, зодгоҳи шоир деҳаи Косатарош, манзараҳои дилфиреби диёр, меҳнати фидокоронаи мардуми Панҷакент ва лаҳзаҳо аз сафарҳои Пешвои миллат ба ин шаҳри таърихиву қадимии тоҷикон намоиш дода шуданд.

Бастакорон ба шеърҳои Исмоил Зарифӣ оҳанг баста, сарояндагон ва раққосаҳои Кохи фарҳанги шаҳр барномаи пурмазмуни ҳунарӣ нишон доданд. Барои банда ҷолиб он буд, ки бастакорон шеърҳои Зарифиро дар оҳангҳои Шашмақом, Ушшоқи Панҷакент, рубоисароии кӯҳистони саргаҳи Зарафшон ва мусиқии муосир оҳанг баста буданд, ки чорабиниро рангоранг кард. Ҳофизони хушсадо Абдулло Хаёлов, Фурқат Мастонов, Ӯктам Бобоев, ҳунармандони ансамбли халқӣ-этнографии “Марворид”, ансамбли “Навои Панҷакент”, “Дугонаҳо”, гулдухтарони ансамбли рақсии “Дилоро” ба маҳфил шукӯҳу шаҳомати хоса бахшида буд.

Дар суханрониҳои хеш Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло, адибон Абдурауф Муродӣ, рӯзноманигор Турдибой Солеҳзода, шоир Шодӣ Саттор, ҳамдеҳагону ҳамкорон, шогирдону хешовандон аз хислатҳои неки Исмоил Зарифӣ ва мавқеи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик суҳбатҳо карданд. Раиси бахши самарқандии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, шоир Асадулло Исмоилзода оид ба хидматҳои Исмоил Зарифӣ дар бунёди маҷаллаи адабӣ-фарҳангии “Дурдонаи Шарқ”, ки ба забони тоҷикӣ дар Самарқанд нашр мешавад, сухан гуфт.

Ба назари банда, яке аз хизматҳои муҳими Исмоил Зарифӣ он аст, ки вай бо ҳамроҳии дӯсти эҷодкораш Иброҳими Наққош барои муаррифии адибони тоҷики Ӯзбекистон хизматҳои бемисл карданд. Далели ин нашри китобҳои “Суханварони Зарафшон”, “Чилдухтарон”, “Аз Зарафшон то Сурхон”, китоби шеърҳои шоири ибтидои асри XX-и Самарқанд Умур Боқии Шаҳрисабзӣ ва ғайра аст. Банда дар ин маҳфил ҳам гуфтам ва дар ин навишта ҳам ишора мекунам, ки хизматҳои Исмоил Зарифӣ барин бузургмардро дар рушди адабиёту фарҳанги тоҷик, тарғибу нашри китобҳо ва тарбияи эҷодкорони ҷавон ба эътибор гирифта, ӯро бо унвону ҷоизаҳои баланди давлатӣ бояд қадршиносӣ намуд.

Аслиддин ҚАМАРЗОДА,
профессор, Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон

«ШОҲҶОИЗА»-И «НУРИ ХУҶАНД»

Дастаи ҳунарии шашмақомхонони “Нури Хуҷанд”-и вилояти Суғд “Шоҳҷоиза”-и озмуни шашмақомхониро, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, ба даст овард. Ҷоизаҳо шоми 12-уми май дар саҳни “Қалъаи Хуҷанд” ба ғолибон тақдим шуданд.

Дастаи ҳунарӣ (ансамбл)-и “Шашмақом”-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон ва дастаи ҳунарии “Шашмақом”-и Бухорои Ӯзбекистон сазовори ҷойҳои аввал шуданд.

Ҷойҳои дуюм бошад, насиби дастаи “Шашмақом”-и Фарғонаи Ӯзбекистон ва Сардорбек Солиев, овозхони дастаи ҳунарии “Шашмақом”-и шаҳри Хуҷанд гардиданд.

Дастаи ҳунарии “Шашмақом”-и Озарбойҷон ва Навбаҳор Шамсиева, сарояндаи аз ноҳияи Спитамен ғолибони ҷойҳои сеюм дониста шуданд.

Ба иттилои Кумитаи тадорукотии ҷашнвора-озмун, ба барандаи шоҳҷоиза 7 ҳазор доллар ва ба ғолибони ду ҷойи аввал, ду ҷойи дуюм ва ду ҷойи сеюм мутаносибан 5 ҳазор доллар, 3,5 ҳазор доллар ва 2 ҳазор доллар (ба ҳар яке) тақдим шудааст.

Ин ҷашнвора-озмун таҳти унвони “Ушшоқи Раҳмонӣ” рӯзҳои 10-12-уми май ба муносибати Рӯзи Шашмақом, ки ҳамасола дар Тоҷикистон 12-уми май таҷлил мешавад, баргузор шуд. Дар он ҳунармандони дастаҳои шашмақомхон, мутахассисони соҳаи фарҳангу санъат, мусиқишиносони кишвар ва берун аз он, аз ҷумла, аз Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Озарбойҷон ва Фаронса ширкат карданд.

МАВЛУДНОМА

14 МАЙ

Ашӯр Ҳалимов (1921-1994), 105-солагии зодрӯзи журналист.

Бақоҷон Ҳабибов (1916-1993), 110-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

15 МАЙ

Шариф Зокиров (1926), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Шоимқул Облоқулов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Акмал Олимов (1951-1991), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Абдухолиқ Юсуфов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

16 МАЙ

Гурез Назирматов (1936), 90-солагии зодрӯзи коргардони театр, актёр, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Карометулло Одилов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Ҳусейнбой Олимов (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

17 МАЙ

Нуъмонҷон Аҳмадов (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биологӣ.

Лидия Поршунина (1941), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Федор Салманов (1921-1998), 105-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

18 МАЙ

Нурмад Рӯзимадов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Нур Табаров (1941), 85-солагии зодрӯзи нависанда, драматург, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Абдукарим Ҳоҷиев (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Рауф Шамсиев (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

19 МАЙ

Истад Қосимзода (1936), 90-солагии зодрӯзи нависанда.

Раъно Маниёзова (1956), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Александр Оқилов (1951), 75-солагии зодрӯзи рассом.

20 МАЙ

Лоиқ Шералӣ (1941-2000), 85-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Саъдулло Наимбоев (1936-2010), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Ҳаёт Одинаев (1966), 60-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

МЕФУРӮШАМ

2-ҲУҶРАГӢ

➔ 2-ҳуҷрагӣ, 87 м.м., қабати 10, бинои 18-ошёна, баъди таъмир, мефурӯшам, нишонӣ: "Лесная Сказка".

ФУРӮШИ ҲАВЛӢ

➔ Хонаи панелӣ, 4 дар хона, пешайвон, ошхона, 100 м.м., 5 сот. замин, канализатсия, қубури об, тамоми шароит дар ҳавлӣ ҳаст, мефурӯшам, к. Яккачинор, ҳавлии 116/2, нишонӣ: 1 Советский, 1 300 000 сомонӣ. Тел.: 014-74-29-29

ИҶОРА МЕДИҲАМ

1-КОМН. КВ.

➔ 1-ҳуҷрагӣ, барои оиладорон, 3500 сомонӣ, иҷора дода мешавад, пешпардохт барои 2 моҳ, Водонасос, к. Рӯдакӣ. Тел.: 552-00-25-52

2-ҲУҶРАГӢ

➔ 2-ҳуҷрагӣ барои иҷора, Қарияи Боло. Тел.: 870-70-45-75

➔ 2-ҳуҷрагӣ барои иҷора, хонаи барак, бо шароитҳояш, Водонасос, к. У. Хайём 130, ҳ. 3. Тел.: 334-656-666

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

ТАЪМИРИ ХОНА

➔ Обой, шпаклёвка, ламинат, кафел, плитка. Тел.: 919-27-43-39, 00-569-41-41

➔ Таъмири пурра ва қисман. Тел.: 404-61-09-09

➔ Шпаклёвка, обой, плитка, ламинат, рангмолӣ ва дигар корҳо. Тел.: 98-807-66-64, 917-18-48-48

УСТОИ ТАҶҲИЗОТИ САНТЕХНИКӢ

➔ Тамоми намуди корҳои сантехникӣ. Насби қубури об, қубури оби гарм ва фарши гарм. Тел.: 939-20-20-37

ТАЪМИРИ ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКӢ

Насби батареяҳо, ванна, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

➔ Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

ГУНОГУН

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

МЕХАРАМ

Либосу ҷиҳози истифодашуда, зарфҳо, гарнитури хоб мехарам. Тел.: 908-06-60-00, 986-17-62-62

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашуӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шиносномаи техникӣ, аз соли 2017, ба номи Раҳимова Раҷабмоҳ Маҳмадалиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Шамсӣ, бинои 2/5, ҳ. 20, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Сафарзода Кайҳон Сафар, ки соли 2023 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот таҳти феҳристи №3-5057, аз санаи 01.12.2025, аз номи Ҳомидов Парвиз Соҳибназарович ба номи Суҳробзода Амирҷон, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. С. Айнӣ 55, блок А, хонаи 65, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Рақамҳои давлатӣ 2222 АР 07 аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

➔ Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (Кассовый аппарат) Миника 1105Ф, №2000604, ба номи соҳибкори инфиродӣ Олимов Салим Аҳмадхонович, ки аз Нозироти андоз дар н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Ғафурова Ғалатмо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, Т. Шарқӣ, хонаи 243, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома ба номи соҳибкори инфиродӣ Алишер Хайдаров Анварович, РЯМ: 3330091930, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ВСГ №3074576, рақами қайд №2225, ки аз ҷониби Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба номи Львова Лола Махмуродовна, аз санаи 14.07.2008 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Саматова Саида Бахриевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Ломоносов 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0387364, ба номи Сафаров Алиҷон Нуралиевич, ки соли 2017 аз Литсейи назди филиали МГУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ ИНН ва шаҳодатномаи ҶДММ “Фавора Сохтмон“, №0280835, РЯМ: 0110024310, РМА: 010100263, санаи судур 26.12.2018, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Дипломи ВТ-14556, ба номи Арифова Раъно Абдувосеевна, ки соли 1986 аз ҷониби Омӯзишгоҳи мусиқии (музыкальное училище) ба номи А. Бобоқулов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНИ ЛИБОС, ДИВАН, КОНДИТСИОНЕР, ЯХДОН, ҚОЛИН, ВАННАҲО, ДАРУ ТИРЕЗА, ФАРШҲО. ТЕЛ. 918-19-59-92, 907-68-68-10

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНИ ЛИБОС, ДИВАН, КОНДИТСИОНЕР, ЯХДОН, ҚОЛИН, ВАННА, ДАРУ ТИРЕЗА, ФАРШҲО. ТЕЛ. 900-35-35-26, 913-49-77-77

ТАҶҲИЗОТИ ФУРӮШӢ БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ ХИШТҲОИ СЕМЕНТӢ (ЦЕМЕНТБЛОКОВ) 15000 СОМОНӢ, ПИЛОРАМА "АЛТАЙ" 40000 СОМОНӢ, ДАСТГОҲИ ИСТЕҲСОЛИИ ГАЗОБЛОК 40000 СОМОНӢ, ДАСТГОҲИ ИСТЕҲСОЛИИ ГИПСОБЛОКҲО 30000 СОМОНӢ. ТЕЛ. 01-231-71-71

ҲАМДАРДӢ

Нисбат ба даргузашти омӯзгори фанни биология-географияи муассисаи таҳсилоти умумии рақами 11 ба номи Фаррух Зарипови ноҳияи Рӯдакӣ, Аълочии маорифи халқ

Муҳаббат Умрзоқова

изҳори ҳамдардӣ баён менамоем. Худованд ҳочибибиро раҳмату мағфират ва шоистаи ҷаннат гардонад. Ба фарзандону пайвандонаш сабри ҷамил хоҳонем.

Аз номи хешовандон, Исмоил Саид

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Нозимов Собирджон Джамолидинович, ки соли 2021 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ "Ҳамроҳ Турсунзода", РЯМ: 0710010373, РМА: 070017336, ки аз санаи 14.01.2020 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

PRESSA.TJ

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ҶОМИ ОСИЁ-2027

ҲАРИФОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон барои бори дуюм дар таърихи худ дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё иштирок мекунад. Дар мусобиқа 24 дастаи миллӣ ширкат хоҳанд кард.

Бар асоси натиҷаи қуръакашӣ, 24 даста ба шаш гурӯҳ ҷудо шуданд, ки ҳар гурӯҳ аз чор даста иборат аст. Ба даври ҳаштякниҳоӣ ду дастаи беҳтарини ҳар гурӯҳ ва инчунин чаҳор дастаи беҳтарини ҷойи сеюм роҳ меёбанд.

Мавсими нуздаҳуми Ҷоми Осиё аз 7-уми январ то 5-уми феврали соли 2027 дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад.

Натиҷаи қуръакашии марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2027:

Гурӯҳи «А»: Арабистони Саудӣ, Кувайт, Уммон, Фаластин;
Гурӯҳи «В»: Ӯзбекистон, Баҳрайн, Кореяи Шимолӣ, Урдун;
Гурӯҳи «С»: Эрон, Сурия, Қирғизистон, Чин;
Гурӯҳи «D»: Австралия, Тоҷикистон, Ироқ, Сингапур;
Гурӯҳи «Е»: Кореяи Ҷанубӣ, АМА, Ветнам, Лубнон ё Яман;
Гурӯҳи «F»: Ҷопон, Қатар, Таиланд, Индонезия.

ФУТБОЛ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БА ҶОМИ ҶАҲОН-2026 РОҲ ЁФТАНД



Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) иштироки худро дар Ҷоми Осиё-2026 бо муваффақият оғоз кард ва ба Ҷоми ҷаҳон-2026 роҳхат гирифт.

Дар даври якуми марҳилаи гурӯҳӣ шогирдони Далер Каёсов тими наврасони Тайландро бо ҳисоби 2:0 мағлуб карданд. Дар даври дуюми мусобиқот наврасони Тоҷикистон дастаи мунтахаби наврасони Мянмарро бо ҳисоби 1:0 мағлуб карданд. Бо шарофати ин пирӯзӣ дастаи наврасони Тоҷикистон пеш аз муҳлат роҳхати даври баъдиро таъмин карда, ҳамчунин соҳиби роҳхат ба Ҷоми ҷаҳон-2026 миёни наврасон шуд, ки моҳи ноябр дар Қатар баргузор мегардад. Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии Далер Каёсов бозии охиринро дар марҳилаи гурӯҳии Ҷоми Осиё-2026 бо ҳамсолони худ аз Арабистони Саудӣ мусовӣ - 5:5 кард.

Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-17) бо касби ҷойи дуюм дар гурӯҳи «А» ба даври чорякниҳоии мусобиқот роҳ ёфт ва акнун бо тими Ҷопон бозӣ мекунад. Ин вохӯрӣ рӯзи15-уми май баргузор мегардад.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

КМВА ПЕШСАФ АСТ, «ИСТИҚЛОЛ» ҲАНӮЗ ДАР ҶОЙИ ДУЮМ ҚАРОР ДОРАД



Дар даври ҳаштуми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон се бозӣ бо натиҷаи 2:0, ду бозӣ бо натиҷаҳои мусовии 1:1 ва 2:2 ва танҳо як бозӣ бо ҳисоби бузурги 4:1 ба анҷом расиданд.

Дар бозии якуми давр «Регар-ТадАЗ» бо «Эсхата» дар варзишгоҳи «Талко-Арена»-и шаҳри Турсунзода мусовӣ (2:2) кард. Боз як бозии дигар бо ҳисоби мусовӣ ба охир расид. «Парвоз» дар майдони худ бо «Вахш» бозӣ кард. Дастаҳо ба дарвозаи ҳамдигар якголӣ заданд.

«Ҳосилот» баъд аз иваз кардани сармураббӣ дар майдони худ бар «Хуҷанд» бо ҳисоби 2:0 зафар ёфт. Дастаи «Сардор» дар майдони худ бозиро бо ҳисоби 0:2 бар КМВА бохт. КМВА бо дубли Боронов имтиёзҳояшро ба 19 расонида, пешсафиро дар Лигаи олӣ идома медиҳад. Дубли Фране Икич ғалабаи «Истиқлол»-ро дар баробари «Барқчӣ» таъмин кард. «Истиқлол» як имтиёз аз КМВА камтар дорад ва дар зинаи дуюм аст.

Бозии сергол дар Кӯлоб буд, ки «Равшан» дар ҳузури мухлисон бар «Истаравшан» бо ҳисоби 4:1 ғолиб омад. Дар зимн, мутахассиси эронӣ Амин Субҳонӣ сармураббии дастаи шаҳри Истаравшан таъйин шудааст.

ҶУДО

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР QAZAQSTAN BARYSY GRAND SLAM 2026 НОКОМ ШУДАНД

Дар шаҳри Остонаи Қазоқистон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо - Qazaqstan Barysy Grand Slam 2026 ба анҷом расид.

Дар мусобиқа 295 ҷудокори 36 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд. Тоҷикистонро 4 ҷудокор - Шокир Ғаюбов, Беҳрӯз Хоҷазода, Муҳаммадиқбол Тошов ва Муҳсин Малаев муаррифӣ карда, ба гирифтани медал ноил нашуданд.

Шокир Ғаюбов (-60 кг) дар даври аввал мағлуби намояндаи Ӯзбекистон Камолиддин Бахтиёров шуд.

Беҳрӯз Хоҷазода (-81 кг) дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм мағлуби Жалкас Каироллаи қазоқ гардид.

Муҳаммадиқбол Тошов (-90 кг) дар даври аввал аз Айдар Арапови қазоқ шикаст хӯрд.

Муҳсин Малаев (-100 кг) дар рақобати аввал намояндаи Кореяи Ҷанубӣ Сеунгчу Ҳанро шикаст дода, дар даври дуюм аз Леонардо Гонсалвеси бразилӣ дучори бохт шуд.

Аз ҳисоби медалҳо Русия бо 8 медал якум шуд. Фаронса бо 5 медал ва Қазоқистон бо 8 медал сегонаи беҳтаринҳоро пур карданд.

РЕЗААХБОР



Фаридун Одилов (20-4-2) дар мусобиқаи ACA 203 дар шаҳри Тошканд бо қарори якдилонаи доварон (30:27, 30:27, 29:28) ғалабаро бар Даурен Ермеков (21-8) ба даст оварад.

***

Размикорони тоҷик Фирдавс Зарипов (13-5) муқобили Холмурод Нурматов (15-11-1), Эмомаҳдӣ Орзузода (7-4) муқобили Анвар Абдуллаев (9-1), Меҳроҷ Мамадшоев (8-1) зидди Ҷаддал Алибеков (10-4), Оятулло Муъминов (15-5) муқобили Азат Кочоров (6-1-1) дар мусобиқаи ACA 203 дар Тошканд пирӯз шуданд.

***

Тими бонувони КМВА мавсими нави Чемпионати футбол миёни дастаҳои заноназ Тоҷикистонро бо пирӯзии бузург оғоз кард. КМВА ба дарвозаи дастаи «Чашма» 30 голи бечавоб зад.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии Ҷаъфар Ахмедов дар мусобиқаи байналмилалии «CFA International U-16 Men's Tournament» дар Чин бо ҳамсолони худ аз Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Ӯзбекистон рақобат мекунад.

***

Бозии даври 32-юми Про-лигаи Арабистони Саудӣ миёни дастаҳои "Ал-Наср" ва "Ал-Ҳилол" мусовӣ (1:1) анҷом ёфт. Ин мусовӣ боис шуд, ки "Ал-Наср" пеш аз муҳлат дар Про-лига ба қаҳрамонӣ нарасад. Ҳоло пас аз ин натиҷа "Ал-Наср" бо 83 имтиёз дар садри ҷадвали чемпионат қарор дорад. "Ал-Ҳилол" бо 78 имтиёз дар зинаи дуюм аст.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар рейтинги ҷаҳонии FIFA мавқеи худро дар зинаи 47-ум аз даст дод ва акнун дар зинаи 50-ум аст. Дастаҳои Бразилия, Португалия ва Испания дар зинаҳои аввал ҳастанд. Аз дастаҳои Осиё Эрон пешсаф аст. Дастаи занонаи футзали Тоҷикистон дар ин рейтинг дар мавқеи 70-ум аст.



100 СОМОНӢ БА ГОВ

Гови марди камбағале касал шуд ва ба қавле сари корд гардид. Онро куштанду гӯшташро ба бозор оварду, то фурӯшаду ба ивазаш гови дигар харад.

Харидоре омаду пурсид:

- Говро бо чӣ парвариш мекардед?

Мард:

- Бо нони хушку пасмондаи хӯрок.

Мард ҳуҷҷат бароварда, гуфт:

- Оҳҳо, ба амнияти ғизо таҳдид кардаед-ку! Ҷарима мешавед!

Гӯштфурӯш хеле зораву нола карда, ахиран бо додани чанд кило гӯшт аз ӯ халос шуд.

Харидори дигар омаду боз ҳам пурсид, ки говро бо чӣ парвариш кардааст?

- Говро наздики бозор мебастам, аз даруни пасмондаҳое, ки савдогарон мепартофтанд, ҳар чӣ меёфт, мехӯрд.

Ин одам ҳам ҳуҷҷате бароварда, худро корманди СЭС муаррифӣ намуд:

- Шумо ҳолати санитариву гигиениро сарфи назар кардаед, гӯшт барои одамон хавфнок аст. Шуморо ҳуҷҷат карда, ба суд медиҳам!

Савдогари гӯшт пас аз илтиҷои зиёд боз каме гӯшт ва як миқдор маблағ доду аз ин комиссия низ раҳо шуд.

Харидори дигар омаду пурсид:

- Аниқ ин гӯшти гов тоза аст? Агар бовар доред, пас бигӯед, ки ба гов чӣ медодед?

Гӯштфурӯш, ки дигар аз комиссияи бисёр безор шуда буд ва акнун бо пули бадастовардааш гов не, ҳатто як гӯсфанд харида наметавонист, асабонӣ ҷавоб дод:

- Ҷӯраҷон, ман ба ин гов чизе намедодам. Ҳар саҳар пеш аз хона баровардан ба дасташ сад сомонӣ медодам, худаш рафта шикамашро сер мекард ва бегоҳ бо шиками сер хона меомад.

ҶАВОНОНИ БООДОБ

Ду пиразан дар назди бинои истиқоматӣ аз ину он суҳбат мекунанд. Якеаш мегӯяд:

- Ҷавонони имрӯза хеле тифоқ шудаанд, ана ба он гурӯҳ нигар, як сигорро ҳамакаса мекашанд.

Пиразани дигарӣ дар ҷавоб:

- Рост мегӯӣ, бубин, боз механданд.

САНАИ ИСТЕҲСОЛ

Аз мард мепурсанд:

- Чиро бештар дӯст медорӣ? Май ё занро?

Мард дар ҷавоб:

- Ин аз санаи истеҳсолшавӣ вобастагӣ дорад.

дохили он менишаст, мегӯяд:

- Ронанда, мошинро боэҳтиёт ронед, ман дар хона ҳашт фарзанд дорам!

Ронанда бо ҳайрат мегӯяд:

- Шумо ба ман дар бораи эҳтиёт гап мезанед?

АЛЛЕРГИЯ

Маризе назди табиб омада, мегӯяд:

- Духтур, худро хеле бад ҳис мекунам.

Духтур як дона мехчаро дода мефармояд:

- Ана ин мехро фурӯ баред. Ягон чӣ ҳис мекунед?

Мариз баъди фурӯ бурдани мехча:

- Аҳволам бадтар шуд.

Табиб мегӯяд:

- Ҳамааш равшан шуд, шумо аз мехча аллергия доред!

ЗАҲР

ЭҲТИЁТ

Ронандаи таксӣ мошинро сахт ронда, ҳатто чароғаки сурхро мегузарад... Зани мусофире, ки дар

Табиби ҷавоне дар дасти бемор финҷони қаҳваро дида, нидо мекунад:

- Шумо қаҳва менӯшед? Охир, қаҳва ба шумо мисли заҳр таъсир мерасонад!

Бемор дар ҷавоб:

- Эҳтимол чунин бошад, лекин заҳри бениҳоят сусттаъсир будааст. Ман онро муддати шаст сол аст, ки менӯшам.

АБЛАҲ

Ҳангоми имтиҳон профессор аз донишҷӯи бесавод мепурсад:

- Шумо медонед, ки имтиҳон чист?

- Имтиҳон - суҳбати ду нафари ботафаккур аст,- мегӯяд донишҷӯ.

- Агар яке аз онҳо аблаҳ бошад чӣ?,- мепурсад боз профессор.

Донишҷӯ оромона мегӯяд:

- Он гоҳ нафари дигар стипендия намегирад.

ФОИДА

Беморе аз духтур мепурсад:

- Духтур, ҳамин гиёҳҳои табобатии навиштаатон ба ягон нафар фоида расонидаанд?

Табиб мегӯяд:

- Албатта! Ман ба наздикӣ барои писарам бӯстонсаро харидаму барои духтарам хона сохта истодаам...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

